# Ҳикояи Исои Масеҳ



***Шарҳи умумӣ***

**Муаллиф: Ҷон Гериг**

**Муҳаррир: Любов Каретникова**

**Рассом: Давид Куявский**

# Мавзуъҳо


Суханони одамҳои машҳур дар бораи Исо ........ 3
Ин чӣ китоб аст? ........ 4
Муқаддима: Пеш аз офариниш ........ 6
Боби 1: Офариниши замин ва Тӯфон ........ 8
Боби 2: Иброҳим ба Худо имон овард ........ 11
Боби 3: Бо кадом роҳ ба сарзамини ваъдашуда бояд баргашт? ........ 15
Боби 4: Подшоҳе, ки то абад подшоҳӣ мекунад? ........ 18
Боби 5: Наҷотдиҳанда меояд? ........ 20
Боби 6: Исроил дар бадарға ........ 22
Боби 7: Худо - Писар ба ҷаҳони мо меояд ........ 24
Боби 8: Таъмиди Исо ва васвасаи Шайтон ........ 27
Боби 9: Раббунӣ шогирдони Худро интихоб мекунад ........ 29
Боби 10: Вау! Ӯ мӯъҷизаҳо мекунад! ........ 31
Боби 11: “Ҳар кӣ Маро мешунавад, бигзор гӯш кунад!” ........ 34
Боби 12: Чаро Исоро ҳама қабул накарданд? ........ 37
Боби 13: Ҳафтаи охирини ҳаёти Масеҳ ........ 40
Боби 14: Вазифа иҷро шуд - Салиб ва марги Исо ........ 43
Боби 15: Масеҳ эҳё шуд! ........ 47
Боби 16: Калисо - Ҷисми Исо дар рӯи замин ........ 50
Боби 17: Калисои Исои Масеҳ барои ҳама ........ 53
Боби 18: Исо ҳоло чӣ кор мекунад? ........ 58
Боби 19: Исо бармегардад - Оё шумо омодаед? ........ 59
Хотима: Исо ва мо ........ 61
Иловаҳо ........ 64
Китоби Муқаддасро як қисми ҳаёти худ кунед ........ 64
Оятҳо дар бораи Исо барои аз ёд кардан ........ 70
Агар ман дар бораи Китоби Муқаддас шубҳа дошта бошам, пас чӣ кор кунам? ........ 71
Боб ба боб бо ишораҳои Китоби Муқаддас ........ 73
Насабномаи Исои Масеҳ ........ 80
Харитаи Исроил дар вақтҳои Исо ........ 81

# Суханони одамҳои машҳур дар бораи Исо

***Наполеон Бонапарт***

*Генерал, сиёсатмадор ва императори Фаронса*

“Ман бисёр одамҳоро мешиносам ва ба шумо мегӯям, ки Исои Масеҳ одами оддӣ нест. Ӯро бо ягон шахси дар ин дунё буда баробар кардан мумкин нест. Искандари Мақдунӣ, Сезар, Карли Бузург ва ман подшоҳии худро дар асосӣ зӯроварӣ ва ҷанг сохтаем. Аммо танҳо Исои Масеҳ подшоҳии Худро дар муҳаббат сохтааст.”

***Блез Паскал***

*Математики фаронсавӣ, нависанда ва олим*

“Дар дили ҳар як одам холигии аҷоибе мавҷуд аст, ки онро ҳеҷ чизи офаридашуда пур карда наметавонад, балки танҳо Худое, ки мо Ӯро бо тавассути Исои Масеҳ мешиносем, метавонад онро пур кунад.”

***Махатма Ганди***

*Пешвои сиёсии Хиндустон*

“Марде, ки комилан бегуноҳ буд, худро ҳамчун қурбонӣ барои фоидаи дигарон, аз ҷумла душманонаш дод ва гуноҳои ҷаҳон бахшида шуданд.”

***Алберт Эйнштейн***

*Олими физика*

“Дурахшонии Исои Носирӣ маро ба ҳайрат овард. Ҳеҷ кас мисли Исо сухан гӯфта наметавонад. Танҳо дар Ӯ мо ягон гуна торикиро намебинем. Худо бо тавассути Исои Масеҳ ба мо бо тарзи аниқ ва равшан Худро нишон дод. Ман Ӯро хеле ҳурмат мекунам.”

***Чарлз Диккенс***

*Нависандаи Британиё*

“Ман ҷони худро ба муҳаббати Худо ба воситаи Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ месупорам. Ҳоло ман мехоҳам ба шумо ҳақиқат ва зебоии дини Масеҳиро, ки аз худи Масеҳ омадааст, фаҳмонам. Шумо хато намекунем, агар бо фурӯтанӣ ва эҳтиром Ӯро қабул кунед.”

***Жан-Жак Руссо***

*Файласуфи Швейтсари*

“Сукрот мисли файласуф мурд; Исои Масеҳ бошад мисли Худо.”

# Ин чӣ китоб аст?

Ин китоб ҳикояи ҳаёти Исои Масеҳ аст, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст. Одамон ба Исо муносибатҳои гуногун доранд. Баъзеҳо ҳайрон буда чунин мегӯянд: “*чаро мардум то ҳол ба ин одаме, ки 2000 сол пеш зиндагӣ мекард, таваҷҷӯҳ мекунанд?*” Дигарон ба шубҳа чунин мегӯянд: *“оё мӯъҷизаҳо ва эҳёҳо чизи афсонавӣ нестанд?”* Баъзеҳо ҷустуҷӯ доранд: “*оё донистани маълумот дар бораи Исо барои ман фоидаовар буда метавонад?”*

Акнун, дар дасти шумо чӣ гуна китоб аст? Дар аввал мехоҳем ба шумо гӯем, ки ин Китоби Муқаддас нест. Китоби Муқаддас зиёда аз ҳазор саҳифа дорад, аммо ин китоб тақрибан 80 саҳифа (бо расмҳо). Хондани Китоби Муқаддасро бо ин китоб иваз кардан мумкин нест. Боз ин китоб барои фаҳмондани ҳолатҳои ба амал омадаи дар Китоби Муқаддас нест. Ин китоб дар бораи ҳикояҳои Китоби Муқаддас шарҳи хеле кам медиҳад, аммо шумо якчанд маълумоте хоҳед ёфт, ки ҳикояҳоро каме фаҳмотар мекунанд. Ва ин китоб амалияи калисо ё маълумоти берун аз Китоби Муқаддасро, дар бар намегирад (ба ғайр аз чанд ёддошт дар охир).

Ин китоб ҳикояҳои асосии Китоби Муқаддас ва мавзӯъҳои ба Исои Масеҳ алоқамандро дарбар мегирад. Агар шумо хоҳед, ки ҳикояҳои аслии Китоби Муқаддасро хонед, пас дар ҳар як боб ишора мешавад, ки аз кадом китоб (боб ва оят) гирифта шудааст. Бо вуҷуди ин, ба баъзе фикрҳои хурдтар аҳамият намедиҳем, вагарна ин китоб хеле калон мешуд.

Ин тарҷумаи ҳоли Исои Масеҳ маълумоти асосии Китоби Муқаддас аст, ки ба мо нақл мекунад, ки Худои меҳрубон ва одил вуҷуд дорад, ки мехоҳад одамонро ба воситаи Писараш Исо, аз гуноҳ ва марг наҷот диҳад. Агар аввал ин китобро хонед ва баъд Китоби Муқаддасро, пас шумо мебинед, ки чизи хондаатон ба як расмӣ калон монанд мешавад. Ё шумо метавонед ин китобро ҳамчун як харитаи оддӣ тасаввур кунед. Ба харита нигоҳ кардан ва ба чизи ҳақиқи монанд нест, аммо он метавонад ба шумо кӯмак расонад, ки гумроҳ нашавед.

Боз як маълумот: Китоби Муқаддас на ҳамеша бо тартиби хронологӣ (яъне аз аввал ва то охир бо тартиб) навишта шудааст, аммо ин мавод бо тартиби хронологӣ ҷойгир аст. Ҳикояҳое, ки пас аз ҳамдигар дар бораи Исои Масеҳ нақл мекунанд. Мо ҳатто дар Аҳди Қадим, ки пеш аз таваллуди Исои Масеҳ навишта шуда буд, бисёр “тасвирҳои” Масеҳро мебинем.

Ниҳоят, муаллиф ҳикояҳо ва фикрҳоеро интихоб кардааст, ки ба ҳамаи масеҳиён, хоҳ православӣ, католикӣ ва хоҳ протестантӣ дурустанд.

Китоби Муқаддас на танҳо як китоби таърихи ё дастури дини ҷаҳонӣ аст. Китоби Муқаддас ба муносибати Худо бо одамон ва баръакс нигаронида шудааст. Ва Исо дар маркази ин муносибат аст. Ин китоб ба шумо дар бораи Исои Масеҳ ва Китоби Муқаддас маълумоти умумии медиҳад ва бо ин ба шумо кӯмак мекунад, ки ҳикояи худро бо ҳикояи Худо пайваст кунед.

Шумо омодаед? Рафтем!

# Муқаддима: Пеш аз офариниш

Одатан, вақте ки шумо тарҷумаи ҳоли ягон шоир ё одами машҳурро мехонед, шумо аз таваллуди шахс оғоз мекунед ё шояд каме дар бораи волидон ё бобою бибиҳои онҳо маълумот пайдо мекунед. Аммо тарҷумаи ҳоли Исо ба замонҳои хело пеш ва ҳатто набудани заминро дарбар мегирад, зеро Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки Исо Худо аст! Шумо шояд ҳайрон шавед ва чунин савол диҳед: *“Истед! Чӣ тавр Исо метавонад Худо бошад? Одамоне, ки худро Худо меноманд, одатан дар беморхонаи девонаҳо баста мешаванд.”* Вақте ки Исо эълон кард, ки Ӯ Худост, Ӯро ба беморхона набурданд, аммо дар салиб мехкӯб карданд.

Исо узви Сегона аст. Китоби Муқаддас ба мо тасвири Худоро нишон медиҳад, ки масеҳиён онро “Сегона” меноманд, ки маънои як Худоро дорад, вале дар се шахс, се дар як. Ин се Худо нест, ин як Худо дар се нақши гуногун нест. Ин се шахс як Худоро ташкил медиҳанд. Шумо мумкин фикр мекунед, ки 1+1+1=1. Ин дар ҳақиқат як сирре аст, ки ҳеҷ кас наметавонад онро пурра дарк кунад. Номҳои се шахсияти Сегона - Худо Падар, Худо Писар (Исо) ва Худо Рӯҳулқудс мебошанд. Дар Китоби Муқаддас мо мебинем, ки онҳо аксар вақт тоқа пайдо мешаванд, аммо дар баъзе мавридҳо, ҳар се шахси Сегона бо ҳам ҷамъ меоянд, масалан, вақте ки Исо таъмид гирифт. Мо инчунин мебинем, ки аъзоёни Сегона бо ҳамдигар муносибатҳои бо муҳаббат доранд. Худо моро на барои он офарид, ки Ӯ танҳо буд, аммо барои он, ки муҳаббати Худро бо мо тақсим кунад.

Якчанд чизҳои дигаре, ки дар бораи Худо донистан лозим аст. Ӯ қодир аст (барои сохтани олам), Ӯ ҳама чизро медонад (Ӯ ҳатто фикрҳои моро медонад) ва дар ҳама ҷо якбора аст. Ӯ муқаддас аст, ин маънои онро дорад, ки Ӯ пок аст, гуноҳ намекунад ва гуноҳро сарфи назар мегирад. Ҳоло, ин як Худои хеле даҳшатнок ба назар менамояд, ки метавонад ақли моро бихонад, ҳар лаҳза бо мост ва ба камбудиҳои мо тоқат намекунад. Аммо, хислати дигари муҳими Худо ин муҳаббат аст! Ӯ моро офаридааст, ба ҳар яки мо муҳаббати калон дорад ва мехоҳад бо мо муносибат дошта бошад.

Инчунин донистан муҳим аст, ки Худо мавҷудоти дигарро пеш аз инсоният офаридааст. Мо ҳама чизҳое, ки Худо пеш аз замин ва дар рӯи он офарида буд намедонем, аммо дар бораи фариштагон медонем. Фариштагон хеле тавоно ҳастанд, ки барои хизмат ва ибодати Худо офарида шудаанд, шумораи онҳо ба миллионҳо баробар аст.

Дар аввал ба онҳо интихоби озод дода шуда буд, ки ба Худо итоат кунанд ё не. Як фариштаи хеле зебо ва тавоно шӯриш кард. Вай хеле сарбаланд буд ва қарор кард, ки намехоҳад дар итоатӣ Худо бошад. Ӯ қарор кард, ки мехоҳад Худо бошад ва аз се як қисми фариштагон ба ӯ шарик шуданд ва ба муқобили Худо баромаданд. Худо маҷбур шуд, ки ин шӯришро ҷазо диҳад ва онҳоро аз осмон ба замин партофт, ва ҳоло онҳо бар зидди Худо ва нақшаҳои неки Ӯ кор мекунанд. Ин фариштаи сарбаланд Шайтон (ё иблис) ва фариштаҳои афтода девҳо номида мешаванд.

Дигар фариштаҳои хуб дар тамоми Китоби Муқаддас пайдо мешаванд. Ду нафаре, ки мо бо ном медонем, Микоил ва Ҷаброил мебошанд. Онҳо паёмбарон ва ҷанговарони Худо ҳастанд.

# Боби 1: Офариниши замин ва Тӯфон

Ҳоло мо омодаем, ки аз аввали Китоби Муқаддас, аз офариниши замин оғоз кунем. Худо сухан мегӯяд ва чизҳо аз ҳеҷ чиз ба вуҷуд меоянд: коинот, сайёраҳо, баҳрҳо, наботот, ҳайвонот ва ниҳоят одамон. Дар бораи он, ки чӣ тавр Худо ин корҳоро мекунад ва чанд қадар вақт ин давом карда буд, китобҳои бисёре навишта шудаанд. Ва дар бораи он корҳо дар ин китоб навиштан, вақти зиёдеро мегирифт. Аммо як чизе, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ин аст, ки ҳар се узви Сегона иштирок кардаанд: Рӯҳи Худо (Рӯҳулқудс) дар парвоз аст, Худо сухан мегӯяд ва Писари абадӣ амал мекунад, то ҳама чизро дар рӯи замини мо ба вуҷуд оварад. Вақте ки Худо одамро офаридани мешавад, Ӯ Худро “Мо” меномад ва мегӯяд: “Одамро ба сурат ва шабоҳати МО биофарем.”

Худо аввалин одамонро – Одам ва Ҳавворо офарид ва онҳоро дар боғи зебое бо номи Адан ҷойгир кард. Худо бо онҳо суҳбат ва сайру гашт мекард, ин аҷоиб буд! Аммо як дарахте ҳаст, ки “Дарахти маърифати неку бадӣ” ном дорад, ки аз он хӯрдан манъ аст. Агар онҳо аз он бихӯранд, пас фарқияти некию бадиро мефаҳманд, ва аз сабаби беитоатӣ ба марг дучор мешаванд.

Рӯзе Ҳавво назди он дарахт буд ва мор барои сӯҳбат ба назди ӯ омад. Ман намедонам, оё дар ибтидо бо мор сӯҳбат кардан корри оддӣ буд ё не, аммо ба Ҳавво суханҳои мор шавқовар намуданд. Мор воқеан иблис аст ва ӯ Ҳавворо васваса мекунад, ки ба огоҳии Худо шубҳа кунад ва меваи дарахтро бихӯрад. Вақте Ҳавво мебинад, ки мева болаззат ба назар мерасад, онро гирифта каме мехурад ва сипас ба Одам пешкаш мекунад. Дар ҳамон лаҳза онҳо фарқи байни неку бадро мефаҳманд. Онҳо медонанд, ки гуноҳ кардаанд ва мехоҳанд аз Худо пинҳон шаванд. То ин лаҳза онҳо бараҳна (бе либос) сайру гашт мекарданд ва дар ин бора фикр ва айбро ҳис намекарданд, вале акнун шарм медоранд ва аз барги анҷир либос дӯхта, худро пинҳон карданӣ мешаванд.

Вақте ки Худо барои сайру гашти бегоҳии онҳо меояд, Ӯ аллакай медонад, ки чӣ ҳодиса рӯй дод ва ҳамсарон аз Ӯ пинҳон мешаванд. Вақте ки Ӯ аз онҳо дар бораи меваи хӯрдаашон мепурсад, Одам Ҳавворо барои васваса кардани ӯ айбдор мекунад ва Ҳавво морро барои васваса кардани вай айбдор мекунад. Оқибати он гуноҳи аввалин то имрӯз ҳам эҳсос мешавад. Аз ҳама ҷиддӣ марг аст, акнун ҳамаи одамон мемиранд. Агар Одаму Ҳавво гуноҳ намекарданд, онҳо абадан зиндагӣ мекарданд.

Худо огоҳ кард, ки беитоатии онҳо марг меорад ва Худо ҳамеша каломи Худро иҷро мекунад. Натиҷаҳои дигари гуноҳи якум ба мо ҳар рӯз таъсир мерасонанд. Ҳоло барои занҳо таваллуд кардан хеле дардовар аст, ва ба мо парвариши ғизо хеле мушкил шудааст. Хулоса, тамоми офариш лаънат шудааст, вақте ки гуноҳ ворид шуд.

Аммо баъд Худо чизе мегӯяд, ки ба Одаму Ҳавво (ва мо) умед мебахшад, аммо барои Шайтон фалокатовар аст. Ин умед дар шакли як ҳикояи хурде меояд. Худованд мегӯяд ки дар оянда мор (Шайтон) пошнаи фарзанди занро мегазад аммо ин кӯдак сари морро пахш мекунад. Ман боварӣ дорам, ки Шайтон фаҳмид, ки пахшкунии сараш нобудшавии пурраи ӯро дар назар дорад. Аммо кӣ ин корро мекунад? Аз он вақт инҷониб, Шайтон дар ҷустуҷӯи Он шахс буд, то Ӯро натанҳо “газад”, балки Ӯро нобуд кунад, то зинда монад. Бо донистани тамоми ҳикоя, мо медонем, ки Исо ҳамон шахсе хоҳад буд, ки омада ин пешгӯиро иҷро мекунад.



**Мор Одаму Ҳавворо васваса мекунад, то меваро бихӯранд**

Наслҳое, ки пас аз Одаму Ҳавво пайдо мешуданд, яке аз дигар бадтар ва ғазабитар буданд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳамаи фикрҳои онҳо бад буданд ва Худо пушаймон шуд, ки одамро офарид. Ӯ қарор мекунад, ки вақти он расидааст, ки тамоми ҷаҳон барои гуноҳҳояш ҷазо гирад ва ҳама одамон бояд дар тӯфони умумиҷаҳонӣ нобуд шаванд. Шайтон аз нобуд шудани тамоми инсоният шод мешуд, аммо Худо мебинад, ки як нафаре ҳаст, ки аз бадиҳо дар ташвиш ҳаст ва ӯ кӯшиш мекунад, ки ҳама чиз дуруст бошад. Номи он мард Нӯҳ аст.

Худо ба назди Нӯҳ меояд ва ба ӯ амр медиҳад, ки киштӣ (махсус ва хеле калон) созад, то оилаи ӯ ва ду намуд аз ҳар як ҳайвон аз тӯфони оянда наҷот ёбанд. Солҳои зиёд Нӯҳ киштӣ месозад ва дар охир, Худо аз ҳар намуди ҳайвонҳо ба киштӣ меорад. Вақте ки ҳамаи онҳо ба дохили киштӣ медароянд, Худо дарро мебандад. Акнун 40 шабу рӯз борони сахт меборад, то тамоми заминро бо об пушонданд. Ҳама мавҷудоти зинда нобуд мешаванд, ба ғайр аз одамон ва ҳайвоноти дар киштӣ буда. Сипас, об дубора ба уқёнусҳо фурӯ меравад ва киштӣ дар кӯҳи Арарат, воқеъ дар Туркияи имрӯза қарор мегирад.

***Дар киштӣ мо инчунин расмеро мебинем, ки Исои Масеҳро бесаброна интизор аст. Онҳое, ки ба гуфтаҳои Худо бовар мекунанд, яъне “аз дар медароянд”, ки ин дар Масеҳ аст, дар охири замон нест карда намешаванд.***

Обхезии ҷаҳонӣ саволҳои зиёдеро ба миён меорад. Оё далели чунин фалокат вуҷуд дорад? Боз дар бораи ин мавзӯъ бисёр навишта шудааст. Ҷолиб он аст, ки дар кӯҳҳои баланд сангҳое ёфтаанд, ки алафҳои баҳри доранд ва аз се ду ҳиссаи заминӣ мо ҳоло ҳам дар об аст.

# Боби 2: Иброҳим ба Худо имон овард

Пас аз тӯфон, аз оилаи Нӯҳ наслҳои нав ба вуҷуд меоянд ва ҷаҳонро дубора пур мекунанд. Бори дигар бадӣ афзоиш меёбад - одамон ба ҷои итоат ба Худо, худхоҳона кореро, ки мехоҳанд, иҷро мекунанд. Ин дафъа Худо тасмим гирифт, ки як оиларо интихоб кунад, то барои тамоми ҷаҳон баракат гардад - оилаи Абромро. Худо ба Абром дар Байнаннаҳрайн зоҳир мешавад ва ба ӯ мегӯяд, ки оила ва хизматгорони худро ҷамъ карда, ба кишвари дурдаст кӯч кунад. Худо ваъда медиҳад, ки ӯро роҳнамоӣ мекунад ва ба ӯ роҳ нишон медиҳад. Ҳамин тавр, Абром дороии худро ҷамъ мекунад ва ҳамроҳи занаш Соро, падараш, ҷиянаш ва дигарон ба сафар мераванд.

Абром ба замине, ки имрӯз Исроил ном дорад, меояд. Вақте ки Абром 99-сола буд, Худо ба ӯ гуфт, ки насли ӯро хеле зиёд хоҳад кард. Вай инчунин номи Абромро ба “Иброҳим” иваз мекунад (маъноаш “падари халқҳои бисёр”). Албатта Иброҳим дар даруни дилаш чунин фикрҳо дошт: “Ин ҳама чӣ тавр мешавад?”. Зеро ӯ ва Соро ҳеҷ гоҳ фарзанддор нашуда буданд.

Аммо пас аз чанд сол, се меҳмон ба хаймаи Иброҳим меоянд. Иброҳим мефаҳмад, ки онҳо меҳмонҳои оддӣ набуданд ва яке аз онҳо худи Худост. Иброҳим ба наздашон мешитобад, таъзим мекунад ва хоҳиш мекунад, ки барои хӯроки шом истанд. Яке аз меҳмонон ба Иброҳим мегӯяд, ки соли оянда ӯ соҳиби писар мешавад. Соро ин сӯҳбатро мешунавад ва худ ба худ механдад, зеро ӯ тақрибан 90 сола аст ва Иброҳим бошад 100 сола, онҳо кӯдак доштa наметавонанд! Аммо суханони Худо иҷро мешаванд ва кӯдаке бо номи Исҳоқ таваллуд мешавад.

**Бисёр одамҳо савол медиҳанд: *“Оё он меҳмоне, ки дар бораи таваллуди писар эълон кард, Исо буд?”* Зеро дертар, вақте ки Исо дар рӯи замин буд, Ӯ гуфт: *“Дар замони худ Иброҳим аз дидани Ман шодӣ мекард.”***

Ҳамин тавр, оилаи Иброҳим ҳамчун оилаи ваъдае, ки Худо барои баракат додани ҷаҳон истифода мебарад, интихоб карда шуд. Дар тӯли чанд асрҳои оянда мо мебинем, ки Шайтон кӯшиш мекунад, ки насли Иброҳимро несту нобуд карда, онҳоро аз Худо дур кунад.

Вақте Исҳоқ таваллуд мешавад, пас аз гузашти чанд сол, Худо кори комилан ғайри чашмдошт мекунад. Худо ба назди Иброҳим меояд ва ба ӯ фармон медиҳад, ки Исҳоқро қурбонӣ кунад. Иброҳим ба ваъдаҳои Худо чунон имони комил дорад, ки ӯ итоат мекунад.

Иброҳим ҳезум, оташ, корд ва Исҳоқро ба кӯҳ мебарад. Вақте ки онҳо ба назди кӯҳ мерасанд, Иброҳим ба ғуломи худ фармон медиҳад, ки дар поёни кӯҳ интизор шавад, ва ба бовари ба ӯ мегӯяд, ки “Мо – ман ва Исҳоқ бармегардем.” Боз Исҳоқ пай мебарад, ки барра барои қурбонӣ нест, аммо Иброҳим ба ӯ низ бо бовари мегӯяд, ки “Худо Худаш қурбониро медиҳад.”

Иброҳим қурбонгоҳ тайёр мекунад ва Исҳоқро бар болои он мегузорад. Дар охирин лаҳза вақте, ки Иброҳим корди худро баланд мекунад, Худованд ӯро бозмедорад ва фармон медиҳад, ки писаруро накушад. Дарҳол Иброҳим гӯсфандеро мебинад, ки дар бутта часпидааст, ва он гӯсфанд қурбоние буд, ки Худо тайёр карда буд. Худо Иброҳимро баракат медиҳад, зеро ӯ тайёр буд, ки писари худро ба Ӯ қурбон кунад. Ин як ҳикояи хеле ғайриоддӣ аст (махсусан барои он, ки мо аз Китоби Муқаддас фаҳмидем, ки Худо аз одамҳоро ба қурбони овардан нафрат дошт).

***Ин ҳикоя яке аз тасвирҳои равшантарини Исо дар Аҳди Қадим аст. Иброҳим ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр ба Худо Падар мушкил буд, ки Худо Писарро барои гуноҳои дунё дар салиб қурбони кунад. Исҳоқ ҳезумро барои қурбонӣ бар пушташ мебардорад, мисли Исо салиби Худро. Исҳоқ аллакай калон буд ва метавонист гурезад, аммо ӯ мисли Исо иҷозат медиҳад, ки ӯро қурбонӣ кунанд. Ва ниҳоят, гӯсфанд тасвири Худоест, ки қурбониро пешкаш мекунад. Худо талаботи Худро барои пардохти гуноҳ қонеъ мекунад.***



**Худо Иброҳимро аз қурбонии Исҳоқ бозмедорад**

Вақте ки мо Китоби Муқаддасро мехонем, маълум мешавад, ки мо ба насли аҷдодоне пайравӣ мекунем, ки тавассути онҳо Исо дар ҷаҳон таваллуд шуд. Писари Иброҳим Исҳоқ, писарони дугоник дошт. Ҳардуи онҳо халқҳои бузург шуданд, писари хурдӣ (Яъқуб) Худо номи ӯро “Исроил” гузошт. Яъқуб (Исроил) 12 писар дошт, ки оилаҳои онҳо 12 сибти Исроил шуданд. Яке аз 12 писараш Юсуф буд, ва Яъқуб ӯро хеле дуст медошт, аз ҳамин сабаб бародарон Юсуфро бад медиданд.

Рӯзе Яъқуб Юсуфро барои тафтиши бародаронаш мефиристад, вале онҳо ӯро аз сабаби ҳасад ба чоҳ мепартоянд. Сипас, бародараш Яҳудо ӯро ба бист сиккаи нуқра ба тоҷироне, ки аз он ҷо мегузаштанд, мефурӯшад ва баъдтар Юсуфро ҳамчун ғулом дар Миср боз мефурӯшанд. Худо Юсуфро нигоҳ медорад, ҳатто вақте ки ӯ ноҳақ ба зиндон меафтад. Худо ба Юсуф фаҳмиши хобҳо медиҳад ва рӯзе аз Юсуф хоҳиш карда мешавад, ки хоби Фиръавнро фаҳмонад.

Ин хоб огоҳии Худо буд, ки дар тамоми минтақа ба наздикӣ ҳафт соли ҳосили хуб ва пас аз он ҳафт соли гуруснагии харобиовар хоҳад буд. Фиръавн ба Юсуф мукофот медиҳад, ва ӯро дар Миср фармондеҳии дуюм мекунад, ва ӯ барои ҳафт соли гуруснагӣ тайёри мебинад. Бо як намуди аҷоиб, бародарони Юсуф ба ӯ итоат мекунанд, зеро онҳо низ қурбони гуруснагӣ шуданд ва барои ғалла ба Миср омаданд. Юсуф бародарони худро мебахшад ва падар, бародарон ва оилаҳои онҳоро даъват мекунад, ки ба Миср кӯчанд, зеро дар ватанашон хӯроке барои хӯрдан набуд.

***Дар ҳаёти Юсуф мо тасвири Исоро мебинем. Чӣ тавре, ки Юсуфро бародараш Яҳудо ба нуқра фурӯхт, ҳамон тавр Исоро дӯсташ Яҳудо ба нуқра фурӯхт. Ва гарчанде, ки ин барои бади карда шуда буд, Худо онро ба некӣ ва наҷоти бисёр одамон табдил дод. Ин боз як ҳикояест дар бораи он, ки насли Исо ба таври мӯъҷизавӣ аз нобудшавӣ бо кумаки Худо муҳофизат карда шуд.***

# Боби 3: Бо кадом роҳ ба сарзамини ваъдашуда бояд баргашт?

Яъқуб (Исроил) ва оилаи ӯ 400 соли оянда дар Миср мемонанд ва дар ин муддат онҳо тақрибан ба 2 миллион нафар афзоиш меёбанд, ва исроилиён номида мешаванд. Мисриёнро аз ин ҳолат ба ташвиш меоянд, зеро метарсанд ки исроилиён метавонанд кишварро ишғол кунанд. Аз ҳамин сабаб мисриён исроилиёнро ғулом карда бо онҳо бераҳмона муносибат мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда шумораи исроилиён бисёртар мешуд, ва Фиръавни Миср тасмим гирифт, ки ҳамаи кӯдакони ҷинси мард доштаи исроилиёнро бикушад. (Таваҷҷуҳ кунед: Шайтон хурсанд мешуд, агар Фиръавн ба куштани насли исроилиён муваффақ мешуд, зеро рӯзе ин насл худи Шайтонро нобуд месозад). Аммо дояҳои Исроилӣ ба фармони Фиръавн итоат накарданд. Як тифлеро, ки пинҳон карда буданд, зинда монд, Мусо ном дошт. Мусо калон мешавад ва Мисрро тарк карда, ба биёбон гурехта, дар он ҷо чӯпон мешавад.

Пас аз солҳои зиёд, Худо ба Мусо дар буттаи сӯзон зоҳир мешавад ва ба ӯ мегӯяд, ки ба Миср баргардад. Ӯ бояд ба Фиръавн бигӯяд, ки халқи Худоро раҳо кунад. Мусо ба Миср бармегардад ва вақте ки Фиръавн исроилиёнро аз ғуломӣ раҳо кардан намехост, Худо бар зидди мисриён балоҳои бузург, аз ҷумла беморӣ, малах, қурбоққа, торикӣ, жола ва ғайра мефиристад. Фиръавн ҳоло ҳам халқро озод намекунад. Акнун Худо балои даҳум ва аз ҳама бадтаринро ба сари мисриён мефиристад. Фариштаи марг дар Миср парвоз мекунад ва ҳамаи писарони нахустзодаро (якумро) дар ҳар хонадон мекушад. Бо вуҷуди ин, Худо оилаҳои исроилиёнро муҳофизат мекунад. Онҳо бо молидани хуни барраи бегуноҳ ба боло ва паҳлӯҳои дари хонаҳояшон наҷот меёбанд. Ин нишона боиси он мегардад, ки фариштаи марг аз болои хонаҳои онҳо мегузарад.

***Худо на танҳо халқи Худро аз ғуломии Миср наҷот медод, балки наҷотро барои наслҳои оянда низ тасвир мекард. Дар тамоми Китоби Муқаддас Исо аксар вақт ҳамчун “барраи кушташуда” номида мешавад. Чӣ тавре ки исроилиён бо хуни Фисҳ наҷот ёфта буданд, онҳое, ки ба Исо имон доранд, ғуломи гуноҳ нахоҳанд шуд ва барои гуноҳҳои худ нахоҳанд мурд. Худо ба хуни Исо нигоҳ карда, аз “болои онҳо” мегузарад ва ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ медиҳад.***

Акнун, Фиръавн ба исроилиён иҷозат медиҳад, ки Мисро тарк кунанд ва онҳо сафари худро ба замине, ки Худо ба аҷдоди онҳо Иброҳим ваъда карда буд, оғоз мекунанд. Иди озодӣ, ки “Фисҳ” номида мешавад, аз ҷониби яҳудиён то имрӯз ҷашн гирифта мешавад.



**Бо хун ранг кардани болои дар, барои якум Фисҳ**

Куштани писарони нахустзода, Фиръавнро маҷбур мекунад, ки ду миллион исроилиён озод кунад. Бо роҳбарии Мусо онҳо ба биёбон меравaнд, ки Худо шахсан онҳоро рӯзона бо абр ва шабона бо сутуни оташин роҳбари мекард. Албатта, биёбон беҳтарин ҷой барои дарёфти об ва ғизо барои ин қадар одамон нест. Исроилиён шикоят мекунанд ва баъзеҳо ҳатто мехоҳанд ба Миср баргарданд, аммо Худо ба онҳо ғамхорӣ мекунад. Вай ба таври муъҷиза об дода, як навъ нон мефиристад, ки заминро мепушонад. Онҳо ин нонро “манна” меноманд.

Вақте ки онҳо ба кӯҳи биёбонӣ бо номи Сино меоянд, Мусо ба кӯҳ мебарояд ва Қонуни Худоро ба халқаш қабул мекунад. Дар ин Қонун даҳ аҳком, аз ҷумла “худоҳои дигарро парастиш накунед ва бутҳо насозед”, “номи Худоро беҳуда ба забон нагиред”, “дуздӣ накунед”, “одамкуши накунед” ва ғайра дохил карда шудаанд. Худо ба халқи худ нишон медиҳад, ки онҳо чӣ гуна бояд зиндагӣ кунанд.

Худо инчунин медонад, ки онҳо наметавонанд ҳамаи ин қонунҳоро риоя кунанд (вақте ки мо қонунро вайрон мекунем, мо онро “гуноҳ” меномем), аз ин рӯ Ӯ ба исроилиён роҳе фароҳам меорад, ки ҳангоми гуноҳ кардан аз Ӯ бахшиш пурсанд. Ин одатан қурбонии ҳайвони солим, рехтани хуни он ва як қисми гӯшти онро дар оташ сузонданро дар бар мегирад.

Дар тӯли асрҳои оянда ҳазорҳо ҳайвонҳо мемиранд, зеро халқи Худо бисёр гуноҳ мекунад ва бахшиш мепурсад. Ин метавонад барои мо ваҳшиёна бошад; охир хайвонҳои бечора ягон кори баде накардаанд! Аммо Худо ин тасвирро офаридааст, то халқи Худро барои он коре, ки Исо баъдтар анҷом медиҳад, омода созад. Исо ҳаёти бегуноҳ дошт ва сипас барои гуноҳҳои ҷаҳон кушта шуд. Дигар ҳайвонҳоро қурбонӣ кардан лозим нест.

Як ҳодисаи дигари биёбонро бояд зикр кард, зеро он ба Исо ишора мекунад. Рӯзе халқи Исроил (боз) шикоят мекунанд, ки дар биёбон сафар кардан чӣ қадар душвор аст ва Худо ба миёни онҳо морҳои захролудро мефиристад, то онҳоро газанд. Вақте ки мардум барои раҳоӣ илтимос мекунанд, Худо ба Мусо мегӯяд, ки мори биринҷӣ созад ва онро бар сутун гузорад. Мусо он морро мебардорад ва ҳар кӣ ба Худо имон оварда, ба мори биринҷӣ дар сутун нигоҳ мекард, зинда мемонад, аммо онҳое, ки нигоҳ карданро рад мекарданд, мурданд. Ва боз мо расми дигари Исоро дар салиб мебинем. Ҳар кӣ ба Худо бовар мекунад ва ба Писари Ӯ ва марги Ӯ дар салиб нигоҳ мекунад, ҳаёти ҷовидонӣ ва рӯҳонӣ хоҳад гирифт, дар ҳоле ки онҳое, ки рад мекунанд, рӯҳонӣ мурда хоҳанд монд.

Аз сабаби беитоатӣ ва шикоят, Худо халқи Исроилро 40 сол дар биёбон саргардон мекунад, то вақте, ки онҳо омода бошанд ба замине, ки Худо садҳо сол пеш ба Иброҳим ваъда карда буд, бираванд. Мусо мемирад ва пешвои нав Еҳушаъ даъват мешавад, ки ба исроилиён дар ҷангҳои зиёде барои забт кардани заминҳо роҳбарӣ мекунад. Пеш аз он, ки онҳо ба замини ваъдашуда ворид шуданд, шахсе, ки Худро “фармондеҳи артиши Худованд” муаррифӣ кард, бо Еҳушаъ вохӯрд, ва Еҳушаъ барои саҷда кардан ба замин афтод. Ин боз як намуди зоҳирии Худо ба инсон аст ва эҳтимолан он Худо Писар - Исо буд.

# Боби 4: Подшоҳе, ки то абад подшоҳӣ мекунад?

Бо кӯмаки Худо, исроилиён дар замини ваъдашуда ҷойгир мешаванд. Аммо наслҳои оянда роҳат буда ва ҳама он корҳое, ки Худо барои онҳо кард, фаромӯш мекунанд. Онҳо ба худоёни қабилаҳои ҳамсоя парастиш мекунанд. Мо мебинем, ки ҳар вақте ки ин ҳодиса рӯй медиҳад, Худо душманеро бар зидди Исроил бармеангезад. Он гоҳ Исроил ба назди Худо бармегардад ва барои наҷот илтиҷо мекунад ва Худо як сардор (роҳбар) мефиристад, ки Исроилро роҳбари карда, наҷот медиҳад. Ин давра такрор ба такрор ба амал меояд: одамон гуноҳ мекунанд - ҳамлаи душман - одамон дуо мегӯянд - Худо наҷот медиҳад.

Ниҳоят, исроилиён мегӯянд: “Ба мо подшоҳе лозим аст, ки мисли дигар халқҳо моро роҳнамоӣ кунад.” Подшоҳи аввалини онҳо, Шоул, фурӯтан буд, вале дар оянда аз Худо рӯй гардонд. Вақте ки ӯ дар ҷанг мемирад, подшоҳи хеле махсус бо номи Довуд аз ҷониби Худо барои роҳбарии Исроил интихоб карда мешавад. Ҳарчанд Довуд баъзан ноком мешавад, ҳатто ба зино ва куштор даст мезанад, лекин ҳамеша ба сӯи Худо бармегардад ва бахшиш мепурсад. Дар ҳаёти худ Довуд сурудҳои барои ибодати Худо менавишт ва кӯшиш мекард, ки Қонуни Худоро, ки ба Мусо дода шуда буд, риоя кунад ва ҳатто мехост, ки барои Худо ибодатхонаи зебое созад. Худо Довудро “одами ба дили Худ наздик” номид.

Баъд Худо ба Довуд ваъдаи аҷибе медиҳад. Худо ба ӯ мегӯяд, ки подшоҳии насли ӯ ҳеҷ гоҳ тамом намешавад. Писари Довуд то абад бар тахт хоҳад нишаст! Аҷоиб! Ин чӣ гуна мешавад? Бале, инро фаҳмидан душвор аст. Худо дар бораи Исо гап мезанад. Гарчанде ки Исо Писари Худо аст, вай дар ин ҷаҳон ҳамчун насли шоҳ Довуд таваллуд мешавад. Яъне Исо яке аз хешовандони шоҳ Довуд мебошад. Исо Подшоҳест, ки то абад ҳукмронӣ хоҳад кард. Худо гуфта буд, ки Наҷотдиҳандаи оянда аз насли Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб хоҳад буд ва ҳоло ӯ майдонро майдатар карда, мегӯяд, ки ин пешвои бузург аз насли Довуд хоҳад буд.



**Насли шоҳи Довуд, то абад дар тахт хоҳад буд**

Албатта, ин маълумоти нав аз назари Шайтон беаҳамият намемонад. Набераи Довуд, Раҳабъом тақрибан тахтро аз даст медиҳад. Ӯ ба Худованд пайравӣ намекунад ва ба халқи худ бераҳм аст, аз ҳамин сабаб халқи Исроил қарор қабул мекунад, ки писари Довуд дар тахт бояд набошад. Подшоҳгари ба ду қисм тақсим мешавад, ки танҳо ду қабила - Яҳудо (қабилаи Довуд) ва Бинёмин - пайравони Раҳабъом мемонанд. Даҳ қабилаи дигар барои боқимондаи Исроил подшоҳи нав интихоб мекунанд.

Боз як ҳодисае буд, ки насли Довудро дар хатар гузошт. Модар маликаи бад Аталё тасмим гирифт, ки қудратро ба дасти худ гирад ва ҳама ворисони (оила) шоҳро бикушад. Вай қариб муваффақ мешуд, лекин коҳин тифли Йӯшиёҳро аз оилаи шоҳона гирифта, дар давоми ҳафт сол дар ибодатхона пинҳон кард. Дар ҳафтсолагӣ Йӯшиёҳу ба Яҳудо ҳамчун подшоҳи қонунӣ муаррифӣ шуд! Насли Довуд наҷот ёфт.

# Боби 5: Наҷотдиҳанда меояд?

Дар замони подшоҳони Исроил, Худо ба воситаи пайғамбарон бо одамон сухан мегӯфт. Пайғамбарон халқи Исроилро огоҳ мекарданд, ки аз гуноҳҳо даст кашанд ва ба назди Худо оянд, боз онҳо ваъда медоданд, ки Наҷотдиҳандаи бузурге меояд. Калимаи иброние, ки онҳо барои ин Наҷотдиҳанда истифода мебурданд - “Масеҳ” буд, ки маънои аслиаш “Таъйиншуда” мебошад. Дар он замон, вақте ки шоҳи нав интихоб мешуд, ба сараш равған мерехтанд, ин маъно дошт, ки ӯ таъйин карда шуд. Баъдтар, пас аз он ки забони юнонӣ паҳн шуд, онҳо калимаи юнонӣ “Масеҳ” – ро ба ҷои калимаи “таъйиншуда” истифода бурданд. Баъзе одамон шояд фикр кунанд, ки вақте мо Исои Масеҳ мегӯем: Исо – ном ва Масеҳ – насаб (фамилия) аст, лекин ин нодуруст аст. Воқеан мо “Исо, ки Худо барои наҷоти ҷаҳон таъйин кардааст” мегӯем.

Яке аз пайғамбароне, ки дар бораи Масеҳ пешгӯиҳои зиёде навиштааст, Ишаъё мебошад. Ӯ пешгӯӣ мекунад, ки Масеҳ на ҳамчун ғолиб, балки ҳамчун ғуломи азобдида меояд. Ӯ мегӯяд, ки Масеҳ гуноҳҳои моро ба Худ мегирад, ба ҷазои онҳо гирифтор мешавад ва барои мо бахшоиш меорад. Ишаъё инчунин мегӯяд, ки Масеҳ аз духтари бокира таваллуд мешавад ва пайғамбари бузург пеш аз Масеҳ омада, ба мардум мегӯяд, ки барои омадани Ӯ омодагӣ бинанд. Пайғамбари дигаре бо номи Мико ҳатто шаҳреро, ки дар он Масеҳ таваллуд мешавад, номбар мекунад: Байт-Лаҳм, зодгоҳи шоҳ Довуд.

Як чизе, ки пешгӯиҳои Китоби Муқаддасро каме норавшан месозад, ин аст, ки Исо ду ҳазор сол пеш ба замин ҳамчун ғулом омада буд, аммо Ӯ ваъда медиҳад, ки бори дуюм ҳамчун ғолиб бармегардад. Пешгӯиҳо дар бораи омадани аввалин ва ояндаи Ӯ ҳарду дар Китоби Муқаддас дохил карда шудаанд. Ҳамин тавр, аксарияти яҳудиён интизор буданд, ки Масеҳ бори аввал ҳамчун ғолиб меояд, на ҳамчун бандае, ки барои гуноҳҳои ҷаҳон мемирад. Онҳо дар бораи омадани якум ва дуюм ошуфта шуданд.

Дар китобҳои аз ҷониби пайғамбарон навишташуда ва дигар китобҳои Аҳди Қадим, олимон то 40 ё 50 пешгӯиро дар бораи ба замин омадани Масеҳ пайдо карданд. Онҳо садҳо сол пеш аз омадани Исо навишта шуда буданд, мисли нишонаҳое, ки ба ин Наҷотдиҳанда ишора мекунанд. Ва албатта, Шайтон ба ҳар кадоми онҳо аҳамият медод, вале ӯ ҳама чизро намедонад, аз ҳамин сабаб ҳанӯз намедонист, ки дар кадом вакт ва кадом шахсро аз насли Довуд интизор шавад. Шояд касе бигӯяд: *"Инҳо умуман пешгӯиҳо нестанд. Шояд ҳамаи ин пешгӯиҳо дар бораи Исо пас аз омадани ӯ навишта шуда бошанд ва дурӯғ, ки қаблан навишта шуда буданд."* Ин ақида нодуруст мебошанд, зеро Аҳди Қадим, аз ҷумла пешгӯиҳо ба забони ибронӣ навишта шуда, сипас дар асри 3 пеш аз милод ба юнонӣ тарҷума шудаанд. Аз ҳамин сабаб, ҳамаи ин пешгӯиҳо ҳадди аққал чанд аср пеш аз таваллуди Исо навишта шуда буданд.

# Боби 6: Исроил дар бадарға

Пайғамбарон на танҳо омадани Масеҳро пешгӯӣ мекунанд, балки мардумро низ огоҳ медиҳанд, ки агар онҳо аз ибодати бутҳо ва бадӣ кардан даст накашанд, ҷазо хоҳанд гирифт. Хамаи ин пешгӯиҳо низ ба амал омаданд. Аввалан, бадкирдории подшоҳони Исроил ба тақсимшавӣ оварда мерасонад ва Исроил ду кишвар мешавад: Исроил ва Яҳудо. Вазъият бадтар ва бадтар мешавад, дар оқибат империяи Ашшур, исроилиёнро забт карда ба асирӣ мебарад. Пас аз чанд сол бобилиён низ яҳудиёнро боз забт карда ба асирӣ бурданд. Акнун халқи Худо ҳоло пароканда ва дар ғуломӣ зиндагӣ мекунанд.

Китоби Муқаддас ҳикояҳои халқи Худоро дар бар мегирад, ки ҳатто дар асирӣ ба Ӯ содиқ мемонанд. Масалан, мо мехонем, ки дар Бобил асиршудагони яҳудӣ бояд ба худоёни Бобил саҷда кунанд. Ин аввалин Аҳкоми Худоро вайрон мекард. Се ҷавони яҳудӣ аз саҷда кардан ба ҳайкале, ки подшоҳ гузошта буд, саркашӣ мекунанд ва онҳоро ҳамчун ҷазо ба танӯри оташин мепартоянд. Танӯр чунон тафсон аст, ки хизматгоронеро, ки яҳудиёнро ба дарун мепартоянд, мекушад. Аммо подшоҳ ба танӯр нигоҳ мекунад, ва се мардро мебинад, ки дар оташ сайру гашт мекунанд, бе ягон осеб! Ва бо онҳо марди чоруми дурахшоне ҳаст, ки ба “писари худоён” монанд аст. Ин эҳтимолан боз як намуди зоҳирии Писари Худо – Исо дар Аҳди Қадим буд. Ҷавонон наҷот ёфтанд ва дар ниҳоят ин подшоҳи Бобил ба Худои Исроил саҷда мекунад.



**Се яҳудӣ дар танӯри оташин осеб надиданд**

Қариб тамоман нобуд шудани халқи Исроил ва насли Довуд, боз ҳангоми асирӣ рӯй медиҳад. Империяи Форс хеле пурқувват мешавад ва империяи Бобилро ишғол мекунад. Вақте ки подшоҳи Форс, Аҳашверӯш, маликаи нав меҷӯяд, ӯ фармон медиҳад, ки озмуни зебоии умумимиллӣ баргузор шавад ва Эстер, духтари зебои яҳудиро интихоб мекунад. Яке аз мушовирони Подшоҳ, ки номаш Ҳомон буд, ба асириёни яҳудӣ нафрат дошт ва ӯ подшоҳро фиреб дод, то фармони шоҳонаро имзо кунад, барои нест кардани яҳудиҳо. Малика Эстер зиракона, фиреби Ҳомонро дар назди шоҳ фош мекунад, ва аз шоҳ хоҳиш мекунад, ки ӯро бо халқаш аз марг озод кунад. Подшоҳ амри худро рад карда наметавонист, аммо ӯ амр медиҳад, ки Ҳомонро ба таври ошкоро ба қатл расонанд ва барои яҳудиён имкон медиҳад, ки худро барои нобуд нашудан муҳофизат кунанд.

Акнун ба бисёре аз яҳудиён иҷозат дода мешавад, ки ба ватанӣ худ баргарданд. Подшоҳи дигари форсӣ Куруш, ба халқи яҳудӣ дилсӯзӣ мекунад ва ба онҳое, ки мехоҳанд ба ватанӣ худ баргарданд, иҷоза медиҳад, ки рафта Хонаи Худо (ибодатхона) ва шаҳри худ Ерусалимро барқарор кунанд. Китоби Муқаддас бозгашти халқи Худоро ба сарзамини худ тасвир мекунад.

Охирин пайғамбар Малокӣ буд, ки 400 сол пеш аз омадани Масеҳ ба замин менавишт. Пас аз Малокӣ, Худо то таваллуди Исо дигар ба воситаи пайғамбарҳо ба халқи худ сухан намегуфт.

# Боби 7: Худо - Писар ба ҷаҳони мо меояд

Вақт расид! Вақти он расид, ки Худо Писар дар осмон, аз тахти Худ хеста ба замин меояд, то ҳамчун кӯдаки хурдсол таваллуд шавад. Инро "таҷассум" меноманд, ки маъноаш "дар ҷисм" будан аст ва ин як сирри бузург мебошад. Худи Худо дар бадани инсон. Мо аз Китоби Муқаддас дар бораи ин чӣ медонем? Нн як кори хеле паст буд. Худо Писар бисёр қувваҳои бузурги Худро як сӯ гузошт, вале Ӯ то ҳол 100% Худо боқӣ монд. Ӯ метавонист мӯъҷизаҳо кунад, гуноҳҳоро бубахшад ва ғайра. Аммо Ӯ боз 100% инсон буд. Вай ба таври оддӣ - тавассути таваллуди ҷисмонӣ - аз духтари яҳудӣ бо номи Марям таваллуд шуд. Бо вуҷуди ин, барои таваллуд шудани Исо ягон падари инсонӣ иштирок накардааст. Таҷдид аз ҷониби Худо Рӯҳ ба амал меояд. Ҳамин тавр, Исо дар ҳақиқат Писари Худо мебошад. Бо вуҷуди ин, Исо ҳамчун одам ҳама тарс, душвориҳо ва васвасаҳоеро, ки мо дорем, аз сар гузаронд, вале Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ накард.

Китоби Муқаддас инчунин мегӯяд, ки Исо дар вақти дурусти таърихи омадааст. Чанд сол пеш аз таваллуди Исо, империяи Юнон одамони он замонро бо як забони умумӣ муттаҳид карда буд. Аз сабаби "Пакс Романа" (сулҳи Рим) ва роҳе, ки Рим тамоми империяи худро таҳти назорат дошт, ҳеҷ гуна ҷанг набуд. Румиён инчунин як тартиби аҷиби роҳҳоро дар саросари империя сохта буданд, ки онҳоро муҳофизат мекарданд. Ин роҳҳо кумак мекарданд, ки хабар аз як ҷой ба ҷойи дигар хеле тез паҳн шавад.

Марям духтари ҷавонест, ки барои таваллуди Исо, Писари Худо интихоб шудааст. Фаришта Ҷабраил омада ба Марям мегӯяд, ки ӯ ҳомиладор мешавад, Марям албатта хеле дар ҳайрат мемонад, зеро вай ҳануз бокира аст. Ҷабраил мефаҳмонад, ки Рӯҳи Худо ин мӯъҷизаро ба амал меорад.

Як душворӣ барои Марям он аст, ки ӯ бо дуредгаре бо номи Юсуф никоҳ дорад. Вақте ки Юсуф хабардор мешавад, ки Марям ҳомиладор аст, ӯ мехоҳад, ки аҳди никоҳро канад, зеро ӯ падари ин кӯдак нест. Аммо фаришта ба назди Юсуф меояд ва мегӯяд, ки вай набояд аз Марям ҷудо шавад, зеро кӯдак аз Рӯҳулқудс аст. Юсуф бо Марям издивоҷ мекунанд, аммо онҳо то замони таваллуди Исо аз алоқаи ҷинсӣ худдорӣ мекунанд.

Дар ин вакт, румиён талаб мекунанд, ки ҳамаи одамҳо ба зодгоҳҳои худ баргарданд, барои ба қайд гирифтан. Марям ва Юсуф дар шаҳри Носира зиндагӣ мекунанд, аммо ҳоло бояд ба Байт-Лаҳм сафар кунанд.

Зеро онҳо аз насли шоҳ Довуд ҳастанд ва Байт – Лаҳм шаҳри Довуд буд. Марям аллакай бояд таваллуд мекард, вақте ки онҳо ба Байт – Лаҳм расиданд диданд, ки шаҳр хеле serодам аст ва дар меҳмонхона барои онҳо ҷой нест. Ва онҳо дар ҷои хеле хоксоре, ки барои ҳайвонот пешбинӣ шудааст, мемонанд, ки дар он ҷо Марям Масеҳро таваллуд мекунад ва Ӯро дар охур мегузорад. Онҳо Ӯро Исо номиданд, тавре ки фаришта ба онҳо дастур дода буд. Ин ном аз калимаи ибронии “наҷотдиҳӣ” омадааст ва Исо одамонро аз гуноҳҳояшон наҷот медод.

Дар он шаб қариб ҳеҷ кас намедонист, ки дар ин гӯшаи хоксоронаи Байт-Лаҳм Наҷотдиҳандаи ҷаҳон таваллуд шудааст. Аммо Худо ба чанд нафар ин сирро кушод. Якум — гурӯҳи чупонҳо, ки дар саҳро гӯсфандони худро мечаронданд. Гурӯҳе аз фариштагон дар назди онҳо пайдо шуда, Худоро бо чунин суханҳо ҳамду сано хонданд: “Бигзор номи Худо дар осмонҳо шӯҳрату ҷалол ёбад ва дар байни онҳое, ки дар рӯи замин писандидаи Ӯ ҳастанд, сулҳу осоиштагӣ бошад!” Онҳо ба чӯпонон гӯфтанд, ки Наҷотдиҳанда таваллуд шудааст ва дар охур хобидааст. Чӯпонҳо дарҳол рамаҳои худро партофта, ба парастиши ин кӯдак рафтанд.



**Чӯпонон ба Исои навзод саҷда мекунанд**

Гурӯҳи дуюме, ки Худо ба онҳо сирро мекушояд – гурӯҳи хирадмандон (ситорашиносон) аз шарқ мебошанд. Онҳо дар осмон ситораи нав ва хеле дурахшонеро мушоҳида мекунанд ва тибқи санҷишҳои онҳо, ин маънои таваллуди подшоҳи бузургро дорад. Онҳо барои ин шоҳи навзод тӯҳфаҳои қиматбаҳоро ҷамъ карда, ба сӯи ситора мераванд. Вақте ки онҳо ба Ерусалим, пойтахти Исроил мерасанд, онҳо аз подшоҳ Ҳиродус - ҳокими минтақа хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо бигӯяд, ки ин подшоҳи бузург дар куҷо таваллуд шудааст. Ҳиродус роҳбарони динро даъват мекунанд ва онҳо ба ӯ ва ситорашиносон дар бораи пешгӯии Мико мегӯянд: Масеҳ дар Байт-Лаҳм таваллуд мешавад.

Ба Ҳиродус хабар дар бораи он ки дар подшоҳии ӯ, шоҳи бузурге (ба ғайр за ӯ) таваллуд шудааст, маъқул нест. Вай бо фиреб ситорашиносонро ба Байт-Лаҳм мефиристад ва ба онҳо мегӯяд, ки вақте кӯдакро пайдо кунанд, ба ӯ низ хабар диҳанд, то “ӯ низ рафта, саҷда кунад.” Аммо ӯ нақша дошт, ки кӯдакро нобуд кунад, ва албатта ин кор Шайтонро бениҳоят хурсанд мекард. Лекин пас аз он ки ситорашиносон кӯдакро ёфта, ба Ӯ саҷда мекунанд, фаришта дар хоб онҳоро огоҳ мекунад, ки ба назди Ҳиродус барнагарданд ва онҳо бо роҳи дигар мераванд.

Вақте ки Ҳиродус фаҳмид, ки ӯро фиреб доданд, хашмгин шуд. Ба ҷои ҷустуҷӯи ин подшоҳи нав, Ҳиродус қарор кард, ки азбаски он ситораи равшан бори аввал ду сол пеш пайдо шуда буд, ӯ дар Байт-Лаҳм ҳамаи писарбачаҳои аз дусола ва хурдтарро мекушад. Аммо фаришта Юсуфро дар хобаш огоҳ мекунад, ки гурезанд ва онҳо сари вақт ба Миср фирор мекунанд.

Исо ва оилаи Ӯ то марги Ҳиродус дар Миср мемонанд. Пас онҳо тасмим гирифтанд, ки ба шаҳри Носира баргарданд. Китоби Муқаддас ба мо дар бораи ҷавонии Исо чизе намегӯяд. Мо медонем, ки вақте Ӯ дувоздаҳсола шуд, волидонаш Ӯро ҳангоми сафар ба Ерусалим, гум мекунанд. Пас аз се рӯзи ҷустуҷӯ онҳо Ӯро дар ибодатхона меёбанд, ки дар он ҷо Ӯ бо роҳбарони динӣ сӯҳбатҳои ҷиддӣ дошт, ва онҳо ҳатто дар 12-солагӣ аз фаҳмиши Ӯ дар ҳайрат монданд.

# Боби 8: Таъмиди Исо ва васвасаи Шайтон

Пас аз 400 соли хомӯшии Худо, як марди бо номи Яҳё аз биёбон берун меояд ва суханони Худоро мегӯяд. Ӯ одамонро дар дарёи Ӯрдун таъмид дода, онҳоро даъват мекунад, ки ба гуноҳои худ иқрор шаванд ва ба омадани Худованд омода бошанд. Одамон аз якдигар мепурсанд: “Оё ин шахс (Яҳё) Масеҳ аст?” Яҳё ба онҳо ҷавоб медиҳад: “Не, аммо вазифаи ман ин аст, ки ба ҳама бигӯям, ки омода шаванд. Масеҳ аз паси ман меояд ва ман ҳатто лоиқ нестам, ки банди пойафзоли Ӯро кушоям.”

Акнун Исо 30-сола буда, омода аст вазифаи Худро барои наҷот додани ҷаҳон аз қувваи гуноҳ ва иблис оғоз кунад. Аввалин коре, ки Ӯ мекунад, ин ба назди Яҳё рафта таъмид мегирад. Яҳё эътироф мекунад, ки Исо Масеҳ аст! Яҳё мегӯяд, ки Ӯ бояд аз Исо таъмид гирад! Аммо Исо иҷозат намедиҳад ва Худаш аз Яҳё таъмид мегирад, ҳангоме ки Исо аз об мебарояд, Рӯҳулқудс дар шакли кабӯтар аз осмон фуруд меояд ва дар болои Исо қарор мегирад, ва овози баланде аз осмон мегӯяд: “Ин Писари маҳбуби Ман аст ва Ман аз Ӯ хеле хушнудам.” Ин яке аз ҷойҳои равшантарин дар Китоби Муқаддас аст, ки мо дар як вақт ҳузури ҳар се узви Сегонаро мебинем.



**Таъмиди Исо**

Акнун Шайтон медонад, Исо Он Касест, ки ҳазорон сол пеш пешгӯӣ шуда буд, ки “сари Шайтонро зер мекунад”. Пас аз ҳамла ба оилаи Иброҳим ва баъд ба насли Довуд, то ки ин ҳодиса рӯй надиҳад, акнун Шайтон назари худро ба шахси мушаххасе, ки ба қудрати ӯ таҳдид мекунад, равона кард. Ин дафъа Шайтон аз соя мебарояд ва тасмим мегирад, ки ин корро худаш анҷом медиҳад.

Пас аз таъмид гирифтани Исо, Рӯҳи Худо ӯро барои 40 рӯзи рӯзадорӣ ба биёбон мебарад. Дар он ҷо Шайтон бо Исо рӯ ба рӯ мешавад. Ҳадафи ӯ Исоро бо гуноҳ васваса кардан аст, ки ин Исоро аз мурдан барои гуноҳҳои дигарон маҳрум мекунад. Исо аз рӯзадорӣ гурусна мешавад ва Шайтон Ӯро васваса мекунад, ки сангҳоро ба нон табдил диҳад. Аммо Исо бо истифодаи як ояти Аҳди Қадим рад мекунад: *“Одам натанҳо бо нон зиндагӣ кунад, балки бо ҳар сухане, ки Худо мегӯяд.”* Он гоҳ Шайтон Исоро ба баландтарин ҷои шаҳри Ерусалим, болои ибодатхона мебарад. Ӯ Исоро васваса мекунад, ки Худро ба замин партоят, то исбот кунад, ки Худо Ӯро аз осеб наҷот медиҳад. Худи Шайтон ҳатто аз Навиштаҳо оятҳоро меорад: *“Худо ба фариштагони Худ дар бораи Ту фармон хоҳад дод ва онҳо Туро бар болои дастонашон хоҳанд бардошт, то ки поят ба санге назанад.”* Исо рад карда, аз Навиштаҳо илова мекунад: *“Худованд Худои худро наозмоед”*. Ниҳоят, Шайтон ба Исо тамоми подшоҳи ва бойгарии заминро нишон медиҳад ва онҳоро ба Ӯ пешниҳод мекунад, агар Исо танҳо ба ӯ саҷда кунад. Исо рад мекунад ва бори дигар Навиштаҳоро истифода мебарад: *“Мо бояд Худованд Худои худро бипарастем ва фақат ба Ӯ хизмат кунем.”* Он гоҳ Шайтон меравад ва фариштагон меоянд, то ба Исо хизмат кунанд ва қувват бахшанд. Ӯ ҳоло омода аст, ки ба хизмати умумӣ шурӯъ кунад.

# Боби 9: Раббунӣ шогирдони Худро интихоб мекунад

Исоро ҳангоми дар замин буданаш бо бисёр номҳо меномиданд, аммо бештар “раббунӣ” меномиданд, ки маънояш “устод” мебошад. Дар Китоби Муқаддас ҳангоми ба Исо муроҷиат кардан аз 90 – бор, 60 – тоаш “устод” мебошад. Ӯ рӯзҳои шанбе дар ибодатхонаҳо таълим медиҳад, аммо бештар дар ҳар ҷои сер одам таълим медод: дар хонаҳо, дар соҳили баҳр, дар роҳ, дар кӯҳҳо.

Дар он вақтҳо як кори оддӣ буд, ки устод як гурӯҳ шогирдонеро ҷамъ мекард, ки аз паи ӯ ҷо ба ҷое мерафтанд ва аз ӯ ибрат мегирифтанд.

Исо хизмати Худро бо даъват кардани одамон, барои пайравии Ӯ оғоз мекунад. Чор нафари аввал моҳигироне мебошанд, ки дар баҳри Ҷалил, дар наздикии Носира моҳидорӣ мекунанд. Номҳои онҳо Петрус ва Андриёс (ду бародар), Ёқуб ва Юҳанно (инчунин ду бародар) мебошанд. Моҳигиронӣ Ҷалил дар зинаҳои баландӣ ҳаёт набуданд ва моҳидорӣ кори таърифи набуд, аммо Исо мебинад, ки ин шогирдон дар оянда корҳои бузурге хоҳанд кард. Ӯ онҳоро даъват мекунад, ки на моҳигиронӣ моҳӣ бошанд, аммо “моҳигиронӣ одамҳо шаванд.”



**Исо шогирдони аввалини Худро даъват мекунад**

Боз як шогирде, ки Исо ӯро даъват мекунад, Матто - андозгир аст. Дар он айёми ишғоли румиён баъзе яҳудиён барои ҷамъоварии андоз барои румиён кор мекарданд. Ба ин андозгирон иҷозат дода шуда буд, ки аз ҳад зиёд пул талаб кунанд ва барои худ низ маблағ гиранд. Яҳудиён ба сабаби ҳамкорӣ бо румиён ва нафсӣ бад, аз онҳо нафрат доштанд. Ба ин нигоҳ накарда, Исо Матторо интихоб мекунад, ки шогирди Ӯ шавад.

Пас аз як шаби пурраи дуо, Исо дувоздаҳ нафарро ҳамчун гурӯҳи махсуси шогирдонаш интихоб кард. Ба ғайр аз Петрус, Андриёс, Ёқуб, Юҳанно ва Матто, дар бораи ҳафт шогирди дигар мо маълумоти зиёде надорем. Тумо бародари дугоник дошт. Шимъӯн Зелот (ватандӯст) буд - як гурӯҳи яҳудиёне, ки бар зидди ҳукмронии румиён мубориза мебурданд. Мумкин дар аввал Шимъӯни Зелот ва Маттои андозгир дӯстони беҳтарин набуданд. Ҳамчунин Филиппус, Барталмо, Ёқуби дуюм (писари Ҳалфӣ), Яҳудо (писари Ёқуб) ва дуюм, Яҳудои машҳуртар (Исқарют) буданд. Инҳо дувоздаҳ шогирд буданд, ки Исо махсусан барои идома додани хизмати Худ ҳамчун “ҳавворирён” таълим медод, ки ин ном нишон медиҳад, ки онҳо бо паём фиристода мешаванд.

Ба ғайр аз ин, Исо шогирдони зиёде дошт. Боре ӯ 70 шогирдро ба шаҳрҳои гуногун мефиристад, то ба номи Ӯ мавъиза кунанд ва шифо диҳанд. Китоби Муқаддас инчунин занонеро, ки аз паи Исо меоянд, зикр мекунад. Марто ва Марям апаву хоҳаре мебошанд, ки ҳангоми гузаштан аз деҳаи онҳо, ба Исо иҷозат доданд, ки дар хонаи онҳо бимонад. Марями Маҷдалия зане буд, ки ҳафт дев дошт. Пас аз он ки Исо ӯро наҷот дод, вай пайрави Ӯ шуд. Модари Исо Марям низ дар қатори заноне, ки ба Исо имон овардаанд, дохил мешавад. Фарисиён роҳбарони дини яҳудии он замон буданд ва одатан ҳамчун “одамҳои бад” ҳисобида мешуданд. Онҳо ба Исо ҳасад мебурданд ва Ӯро мисли Масеҳ қабул намекарданд. Бо вуҷуди ин, мо медонем, ки ҳадди ақкал як фарисӣ бо номи Ниқодимус, ба Исо имон овард.

***Дар бораи падари заминии Исо – Юсуф чӣ гуфтан мумкин аст? Азбаски Китоби Муқаддас дар бораи Юсуф пас аз кӯдакии Исо маълумот намедиҳад. Тахмин кардан мумкин аст, ки Юсуф аллакай мурд. Аз ҳамин сабаб дар бисёр расмҳои Марям ва Юсуф, Юсуф мисли як пирамард тасвир шудааст.***

# Боби 10: Вау! Ӯ мӯъҷизаҳо мекунад!

Дар давоми сею ним соли хизмат, Исо мӯъҷизаҳои зиёде ба амал меорад. Ин ба одамон тасдиқ мекунад, ки Ӯ на танҳо одам, балки Писари Худост. Аввалин мӯъҷиза дар шаҳри Қано дар тӯй рӯй медиҳад, ки Исо бо модараш ва 12 шогирдаш даъват шуда буданд. Пеш аз ба охир расидани ҷашни тӯй, шароб тамом мешавад, дар он вақт, ин як шармандагии бузург буд барои соҳибхона. Марям модари Исо барои кӯмак ба Исо муроҷиат мекунад. Исо ҷавоб медиҳад, ки ҳоло вақти Ӯ нарасидааст, ки мӯъҷизаҳо кунад, аммо Ӯ ба таври мӯъҷиза оби шаш зарфи сангинро ба шароби хеле болаззат табдил медиҳад.

Исо инчунин бисёр одамони гирифтори бемориҳоро шифо мебахшад. Даҳ мард бо бемории даҳшатноки пӯст, ки махав ном дошт, ба назди Ӯ меоянд, дар он вақтҳо одамони касали махав бояд аз шаҳр берун зиндагӣ карда ба одамон наздик намешуданд. Исо ҳамаи даҳ нафари онҳоро фавран шифо медиҳад. Бори дигар Исо дар хонаи хеле серодам таълим медод ва чор нафар боми хонаро сӯрох карданд, то дӯсти маъюби (шал) худро дар пеши Исо фуроваранд. Мард тамоми умр шал буд. Исо имони дӯстони ин шахсро дида, ӯро шифо медиҳад. Мард бистари худро бардошта ба хонааш равон мешавад. Як зан аз хунравӣ 12 сол азоб мекашид. Ҳангоме ки дар атрофи Исо бисёр одам буд, вай зан оромона даст дароз карда, ҷомаи Ӯро ламс мекунад ва дарҳол шифо меёбад. Исо одамонро аз кӯрӣ, дасту пойҳои хушк ва дигар бемориҳо шифо мебахшад. Боре як сарбози румӣ аз Исо хоҳиш мекунад, ки ғуломашро, ки дар хона бемор буд, шифо диҳад. Ғулом ҳамон вақт шифо меёбад, ки Исо шифоро эълон мекунад - ҳатто пеш аз он ки сарбоз ба хонааш баргардад!

Ин шифоҳоро садсолаҳо пеш пайғамбар Ишаъё пешгӯӣ карда буд, вақте ки ӯ навишта буд: “Чашмони кӯрон кушода ва гӯшҳои карҳо боз мешаванд. Он гоҳ ланг мисли оҳу меҷаҳад ва забони гунг аз шодӣ фарёд мезанад.”



**Исо марди шалро шифо мебахшад**

Исо инчунин одамонро аз рӯҳҳои бад наҷот медод. Дар боло зикр шуда буд, ки Исо аз Марями Маҷдалия ҳафт девро берун кард. Бори дигар Исо дар ҳудуди Ҷинесор буд ва марди “девона” аз қабристон давида меояд. Ӯ худро “Лашкар (легион)” меномад, зеро дар вай девҳои зиёде зиндагӣ мекунанд. Девҳо Исоро ҳамчун Худо Писар эътироф мекунанд ва хеле метарсанд. Девҳо аз Исо илтиҷо мекунанд, ки онҳоро ба “варта” (ҷои ҷазои фариштаҳои афтода) нафиристад. Ба ҷои ин, Ӯ онҳоро аз он мард берун карда, ба галаи хукҳо меандозад. Хукҳо аз теппа шитобон ба об меафтанд ва ғарк мешаванд.

Мо мебинем, ки Исо Худост ва на танҳо бар беморӣ ва девҳо, балки бар марг низ қудрат дорад. Боре Исо ба шаҳри Ноин ворид шуда, ба маросими дафни фарзанди ягонаи бевазан наздик мешавад. Исо ба ин бевазан раҳм карда писарашро зинда мекунад. Бори дигар, яке аз сардорони ибодатхона бо номи Ёир, назди Исо меояд, то духтарашро шифо диҳад, вақте ки онҳо ба наздӣ хона мерасанд, хабардор мешаванд, ки духтар аллакай мурд. Одамон барои марги духтари ҷавон бо овози баланд мотам мекунанд. Исо ба онҳо мегӯяд, ки мотам накунед, зеро “духтар танҳо хоб аст.” Одамон механданд, зеро онҳо мурдаро дидаанд ва ин духтар мурда аст. Сипас Исо ба ҳуҷраи духтар даромада, ӯро дубора зинда мекунад.

Яке аз охирин мӯъҷизаҳои бузурги Исо эҳёи дӯсташ Лаъзор буд, ки мурд ва аллакай чаҳор рӯз боз дар қабр буд. Исо фармуд, ки санг аз даромадгоҳи қабр кушода шавад. Лекин Марто, хоҳари Лаъзор, мегӯяд, ки Лаъзор чор рӯз аст, ки мурдааст ва аллакай аз пӯсидан бӯйи бад мекунад. Аммо Исо мегӯяд, ки кушоянд ва сипас фармон медиҳад: “Лаъзор ба берун биё!” Ҳама дар ҳайрат монданд, зеро Лаъзор аз қабр зинда ва ҳанӯз дар либоси дафни худ печонида берун баромад.

Албатта, бо паҳн шудани хабари ин мӯъчизаҳо шумораи бештари одамон мехоҳанд, ки Исоро бубинанд. Баъзеҳо ба Ӯ бовар мекунанд, дигарон фақат ба дидани муъчиза умед мебананд. Дар аввали хизмат Ӯ зиёда аз 5000 мардон (илова бар ин занон ва кӯдакон) барои дидани Исо ва гӯш кардани таълимоти Ӯ ҷамъ мешаванд. Онҳо тамоми рӯз бо Ӯ буданд ва Исо аз он хавотир буд, ки онҳо барои хӯрдан бо худ хӯрок наовардаанд, аз ин рӯ Исо ба шогирдонаш мегӯяд, ки ба халқ хӯрок диҳанд. Шогирдон ҳайрон шуда мегӯяд, ки ҳатто маоши ҳаштмоҳа барои ҳар кас ақалан як луқма додан кифоят намекунад. Баъд Исо мепурсад, ки онҳо дар даст чӣ қадар хӯрок доранд. Петрус писарбачаеро пайдо мекунад, ки панҷ нон ва ду моҳӣ дорад. Исо фармон медиҳад, ки одамон гурӯҳ ба гурӯҳ шинанд. Ӯ ин панҷ нон ва ду моҳиро баракат дода, сипас ба шогирдонаш медиҳад то, ки тақсим кунанд. Аз он хӯрок ҳамаи одамон сер шуданд ва ҳатто 12 сабади пур аз нонпораҳо боқи монд. Баъдтар Исо ин мӯъҷизаро бо 4000 нафар такрор мекунад.

Инчунин Китоби Муқаддас нишон медиҳад, ки Исо бар табиат низ қудрат дорад. Як шаб шогирдон бо қаиқ аз баҳри Ҷалил мегузаштанд ва Исо дар рӯи об қадам зада, назди онҳо омад. Бори дигар, вақте ки тӯфони сахте ба амал омад, Исо бо шогирдонаш дар қаиқ буд. Шогирдон, ки аксари онҳо моҳигирони ботаҷриба буданд, хеле метарсиданд, ки онҳо ғарқ мешаванд. Исо бархоста, ба тӯфон фармон медиҳад, ки ором шавад. Дарҳол он ором мешавад. Бори дигар Исо одамонро аз қаиқи Петрус таълим медод, баъд Исо ба Петрус гуфт, ки каме аз соҳил дур шавад, ва тӯрҳоро (барои моҳӣ доштан) ба об партояд. Петрус гуфт: “Устод, мо тамоми шаб сахт меҳнат кардем ва чизе ба даст наовардем. Аммо азбаски Ту чунин мегӯи, ман тӯрҳоро мепартоям.” Вақте ки онҳо супориши Исоро иҷро карданд, он қадар моҳии зиёде доштанд, ки ҳатто тӯрҳояшон канда шуд. Китоби Муқаддас ба мо дар бораи мӯъҷизаҳои боз ҳам бештаре, ки Исо кардааст, нақл мекунад. Шогирд Юҳанно навишта буд, ки “Исо корҳои хеле зиёд мекард. Агар ҳар яки онҳо навишта мешуд, гумон мекунам, ки ҳатто тамоми ҷаҳон он китобҳоро ҷойгир карда наметавонист.”

# Боби 11: “Ҳар кӣ Маро мешунавад, бигзор гӯш кунад!”

Исо ҳамчун “раббунӣ”, устоди динӣ машҳур буд. Вай якчанд фикрҳои хеле нав ва вазнинро таълим медод, аммо ҳатто одамони оддӣ шунидани таълимоти ӯро дӯст медоштанд. Вай ба дигар устодони он замон монанд набуд, ва бо обрӯи хакики таълим медод. Вақте ки Ӯ Қонунро таълим медод, Вай на танҳо онро мефаҳмонд, балки онро ба сатҳи комилан нави ӯҳдадорӣ мебурд.

Исо мехост, ки одамон худашон фикр карданро ёд гиранд. Аксар вақт ба назди Ӯ бо як савол меомаданд, ки чунин буд: “Кадом қонуни шариат дар ҷойи аввал меистад?” Исо ҳам ба онҳо бо саволи: “Шумо чӣ фикр мекунед?” — ҷавоб медод. Вай бо андешаҳои ғайриоддӣ, ба монанди “аз боло таваллуд шудан” ё “обе, ки одамро дигар ташна намемонад” шавқу ҳаваси одамонро бедор мекард. Агар одамон мехостан, ки бисёртар маълумот гиранд, пас Исо чунин мегуфт: “Ҳар кӣ Маро мешунавад, бигзор гӯш кунад!”

Ин китоби хурд наметавонад ҳамаи таълимоти Исоро дохил кунад, аммо дар чаҳор Инҷил (Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанно) шумо метавонед бештар хонед. Яке аз мавзӯъҳои асосие, ки Исо таълим медод, дар бораи Кӣ будани Ӯ буд. Вай аксар вақт бо суханони “Ман...” оғоз мекард.

- “Ман чӯпони нек ҳастам. Чӯпони нек ҷони худро барои гӯсфандон фидо мекунад.”
- “Ман зиндакунанда ва ҳаётбахш ҳастам. Касе ки ба Ман имон дорад, бимирад ҳам, аз нав зинда мешавад.”
- “Ман роҳ, ростӣ ва ҳаёт ҳастам.”
- “Ман нони ҳаёт ҳастам, мисли маннае, ки дар замони Мусо аз осмон дода шуд.”
- “Ман ва Падар як ҳастем, агар Маро дида бошед, Падарро дидаед.”

Боре Исо шогирдонашро санҷид. Ӯ аз онҳо пурсид: “Мардум Маро мисли кӣ қабул мекунанд?” Онҳо ҷавоб доданд: “Бисёриҳо мегӯянд, ки Ту паёмбарӣ.” Ва он гоҳ Исо мепурсад: “Аммо шумо Маро мисли кӣ қабул мекунед?” Петрус ҷавоб медиҳад: “Ту Масеҳ ҳасти (Таъйиншуда), Писари Худои Зинда.” Исо мегӯяд: “Ту хушбахт ҳастӣ, Петрус. Чунки инро ба ту на одамизод, балки Падари Ман, ки дар осмон аст, ошкор кардааст.”

Мавзӯи дигари дӯстдоштаи Исо - Подшоҳии Худо буд. Дар ин Подшоҳи ду ҷанба вуҷуд дорад: “ҳозир” ва “ҳоло не”. Исо бори аввал ба замин омад, то подшоҳии одамонеро таъсис диҳад, ки аз паи Ӯ хоҳанд буд. Ин Подшоҳи ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Аммо, он Подшоҳи дорои ҳудуди ҷисмонӣ, президент ё артиш нест, он Подшоҳии рӯҳонӣ аст. Одамоне, ки дар тамоми ҷаҳон дар ҳар як халқе, ки Исоро ҳамчун Подшоҳ пайравӣ мекунанд, ин Подшоҳиро ташкил медиҳанд. Аммо дар ин Подшоҳи “ҳоло не” вуҷуд дорад, зеро дар оянда пас аз анҷоми ин ҷаҳон Подшоҳии аслӣ вуҷуд хоҳад дошт, ки аз ҷониби Худо ҳукмронӣ мешавад.

Усули асосии таълим додани Исо дар бораи Подшоҳи бо масалҳо буд - ҳикояҳои кӯтоҳ аз ҳаёти оддӣ, ки дар бораи Подшоҳи маънои дуюми рӯҳонӣ доранд. Ин аст яке аз масалҳои кӯтоҳтарин:

*“Подшоҳии Худоро чунин тасвир кардан мумкин: савдогаре марворидҳои зебо мекобад, ва ҳангоме ки марвориди аҷаб зеборо меёбад, рафта, тамоми молу мулкашро фурӯхта, онро мехарад.”*

Маънои ин масал дар он аст, ки қисми Подшоҳии Худо будан ва пайравӣ кардан ба Масеҳ он қадар муҳим аст, ки мо бояд омода бошем, ки барои ба даст овардани он ҳама чизеро, ки дорем, аз даст диҳем.

Дигар масал дар бораи хоҷае нақл мекунад, ки пеш аз рафтан ба сафари дур, ғуломони худро ба хонааш роҳбар мемонад. Хоҷа дер барнамегардад ва ғуломон танбал шуда, вазифаҳояшонро иҷро намекунанд. Вақте ки хоҷа бармегардад, ӯ ғазаби шуда ғуломонро ҷазо медиҳад. Исо пайравонашро огоҳ мекард, ки вақте Ӯ ин дунёро такр мекунад, онҳо бояд ҳушёр ва бовафо монанд, зеро Ӯ рӯзе бармегардад ва Подшоҳии заминии Худро барпо хоҳад кард.

Дигар масалҳо муносибати шахсро бо Худо ва то чӣ андоза Ӯ онҳоро дӯст медорад, тасвир мекунанд. Масал дар бораи “писари гумроҳшуда.” Ин масал дар бораи ҷавоне мебошад, ки аз падараш хоҳиш мекунад, ки мероси ӯро барвақт диҳад. Ӯ меросашро гирифта ба шаҳри дигар меравад, ва то тамом шудани пулҳояш лаззат мебарад. Вақте, ки пулҳояш тамом мешавад, вай мисли гадо зиндагӣ мекунад. Ӯ маҷбур мешавад, ки дар ферма хукбонӣ кунад. Азбаски ба ӯ хӯрок намедоданд, ӯ маҷбур шуда хӯроки хукҳоро мехурад. Рӯзе ӯ қарор мекунад, ки ба хонаи падараш баргашта, аз ӯ бахшиш мепурсад ва хоҳиш мекунад, ки ӯро мисли ғулом ба кор гирад. Вақте ки ӯ дар назди хона буд, падараш ӯро дида ба наздаш давида омад, ӯро бӯсса карда ба либосҳои нав пӯшонд ва маърака кард.

Мисли падаре, ки дар масал оварда шудааст, Худо мехоҳад, ки бо фарзандонаш муносибат дошта бошад ва ҳамеша интизори бозгашти онҳост.



**Писари гумроҳро падараш пешвоз мегирад**

Вақте ки шогирдон дар бораи кӣ будани Исо ва Подшоҳии Худо бештар фаҳмиданд, Ӯ ба таълимоти Худ мавзӯи нав илова кард – дар бораи ранҷу азобҳо, мурдан ва эҳё шудани Ӯ пас аз се рӯз. Дар аввал Петрус аз Исо хоҳиш мекунад, ки чунин нагӯяд. Ин на он суханҳое буданд, ки шогирдон шунидан мехостанд. Аммо ҷолиб он аст, ки Исо суханони Петрусро сарзаниш кард, чунки он аз тарафи Шайтон буд, зеро иблис намехост ки Исо барои гуноҳои ҷаҳон бимирад. Ин маънои шикасти нақшаҳои ӯ дар бораи забт кардани ҳама одамонро барои худ мебуд.

Бори дигар, яҳудиён аз Исо далеле талаб карданд, ки қудрати махсус доштанӣ Ӯро нишон диҳад. Исо гуфт: “Ин ибодахонаро вайрон кунед, ва Ман онро дар се рӯз аз нав барқарор хоҳам кард.” Ин номумкин аст! Барои сохтани ибодатхона 46 сол лозим буд. Аммо Исо на дар бораи ибодатхонаи сохта, балки дар бораи ҷисми Худ, ки мемирад ва пас аз се рӯз зинда мешавад, сухан меронд.

# Боби 12: Чаро Исоро ҳама қабул накарданд?

Агар Исо чунин муъҷизаҳо мекард, беморонро шифо медод, дар бораи Худо ва Подшоҳии Ӯ таълим медод, пас барои чӣ одамҳо бар зидди Вай баромаданд, ва ҳатто Ӯро куштанд? Тавре ки мо дидем, Шайтон душмани ҳақиқӣ буд. Ӯ намехост бубинад, ки Исо нақши Худро дар наҷот додани инсоният ва мағлуб кардани ӯ иҷро кунад. Шайтон аз ибтидо мехост, ки Исоро нест кунад ва ӯ қудрати худро истифода бурда, одамонро ва ҳатто яке аз шогирдони Худи Исоро бар зидди Ӯ гардонд.

Гурӯҳи асосии одамоне, ки ба Исо муқобилият мекарданд, пешвоёни дини яҳудӣ буданд. Шӯрои пирон "Синедрион" номида мешуд ва дар дохили шӯро ду гурӯҳи асосӣ буданд: фарисиён ва саддуқиён. Фарисиён Қонуни яҳудиёнро хеле сахт риоя мекарданд ва онҳо ҳукмронии румиёнро бад медиданд. Саддуқиён ба чизҳои ғайриоддӣ чандон аҳамият намедоданд, аммо дар ҳамкорӣ бо румиён фоидаи хубе медиданд.

Румиён ба Шӯрои пирон иҷозат доданд, ки ҳаёти динии Исроилро назорат кунанд, ки ин ба онҳо ҳурмат ва қудрат бахшид. Онҳо ният надоштанд, ки ин қудратро бо як устод аз Носира тақсим кунанд. Яке аз сабабҳои асосии ба Исо муқобилият кардан ин ҳасад буд. Вақте ки Исо дар байни мардум машҳуртар мешуд, муқобилияти онҳо афзоиш меёфт.

Илова бар ин, фарисиён Исоро вайронкунандаи Қонун меҳисобиданд. Зиёда аз 613 аҳкоми Қонуни ба Мусо додашуда, сарварони дин аз тарафи худашон қонунҳои бештар илова карданд, ки гӯё онҳо бояд Қонунро равшан мекарданд. Аммо дар асл онҳо танҳо қонунҳои инсониро илова мекарданд. Ин қонунҳои иловагӣ бо номи "Мишна" маълум шуданд. Хусусан қонунҳои рӯзи шанбе машҳур буданд. Дар Қонуни Мусо навишта шудааст, ки рӯзи шанбе бояд рӯзи истироҳат бошад, на кор. Аммо кор ва бекори чист? Мишна қоидаҳои хеле аникро дар бораи он, ки дар рӯзи шанбе чӣ қадар вазн бардошта бурдан мумкин аст, масофаи пиёда рафтан чӣ қадар бояд бошад, чанд ҳарф навиштан мумкин буд ва бисёр чизҳои дигарро дарбар мегирифт. Фарисиён аз муқаддас будани худ фахр мекарданд, зеро онҳо ин қоидаҳоро риоя мекарданд. Ва агар онҳо мехостанд қоидаро вайрон кунанд, онҳо ба осони роҳи онро пайдо мекарданд.

Исо мунтазам қонунҳои динии онҳоро вайрон мекард. Ӯ дар рӯзи шанбе одамонро шифо медод. Масалан, зане, ки хам шуда (кӯзапушт) буд ва рост истода наметавонист. Бори дигар марди маъюбро шифо дод. Исо ба ӯ гуфт, ки "бархез! Бистаратро бардошта бирав". Фарисиён аҳамият надоданд, ки маъюб солим шуд, аммо ғазаби шуданд, ки ӯ дар рузи шанбе бистари худро мебарад!



**Исо зани кӯзапуштро дар рӯзи шанбе шифо медиҳад**

Исоро инчунин барои муошират бо одамони "нопок" сарзаниш мекарданд. Агар одам ядуҳӣ набуд, пас фарисиён бо ӯ муошират намекарданд, ва ӯро гунаҳкор меҳисобиданд. Фарисиён ба онҳо даст намерасонданд, ба хонаҳояшон ворид намешуданд, дар бораи якҷоя хӯрок хӯрдан ҳатто фикр набуд. Исо ҳамаи ин корҳоро мекард, аз ҳамин сабаб Ӯ дар назди фарисиён вайронкунандаи қонун буд. Исо ба онҳо ҷавоб медод, ки Ӯ на барои вайронкунии (аз байн бурдан) Қонун, балки барои иҷрои он омадааст. Ин нуқтаи хеле муҳим аст ва мо баъдтар ба он бармегардем.

Шӯрои пирон боз Исоро барои суханҳои кофиронааш айбдор мекарданд. Яъне Исо одам буд, аммо Худро ба Худо баробар мекард. Баъзе одамон қайд карданд, ки Исо ҳеҷ гоҳ кушода нагуфт: “Ман Худо ҳастам.” Ин дуруст аст, аммо Ӯ чунин гуфта буд: “Агар Маро бинед, Падарро дидаед” ва “Ман ва Падар як ҳастем.” Ӯ ба мардум иҷозат медод, ки Ӯро ибодат кунанд. (Хеле дертар дар китоби Ваҳй, муаллифи ин китобро ҳангоми ибодат кардан ба фаришта, сарзаниш мекунанд. Танҳо ба Худо бояд ибодат кард.) Исо ба одамон мегуфт, ки гуноҳҳои онҳо бахшида шудаанд. Роҳбарони дин ғазаби шуда, мегуфтанд: “Гуноҳҳоро танҳо Худо мебахшад.”

Одамон кушиш мекардан, ки Исоро кушанд, ва Шайтон хурсанд шуда, фикр мекард, ки Исо ба салиб наздик намешавад, аммо ҳар бор Исо озод мешуд. Боре дар ибодатхонаи шаҳри Носира, Исо матнеро аз пайғамбар Ишаъё дар бораи кори Масеҳ мехонад. Тамом карда Ӯ мегӯяд: “Имрӯз ин пешгӯӣ дар пеши назари шумо иҷро шуд.” Исо дар ин шаҳраки хурд ба воя расида буд ва мардум сахт ғазаби шуданд, зеро Ӯ Худро Масеҳ номид, онҳо Исоро ба теппаи баланд барои партофтан мебаранд, вале Ӯ аз мобайни онҳо баромада меравад. Бори дигар одамон мехоҳанд, ки Ӯро сангсор кунанд, аммо Ӯ боз озод мешавад. Дар охири ҳаёти Худ дар рӯи замин, Исо наметавонад озодона ҳаракат кунад, зеро одамон аз паси Ӯ назорат мекунанд, то дар бораи Ӯ ба Шӯрои пирон хабар диҳанд. Исо медонад, ки Ӯ ба наздики мемирад, аммо он бояд бо нақшаи Худо ба амал ояд.

Ягона ҳодисае, ки ҳукми қатли Исоро тасдиқ кард. Ин эҳё кардани Лаъзор буд. Ин мӯъҷиза дар шаҳри Байт-Ҳинӣ, ки ба Ерусалим наздик аст, ба амал омад. Бисёр одамон барои мотамӣ марги Лаъзор омада буданд, аз ин рӯ шоҳидони ин мӯъҷиза хеле зиёд буданд. Вақте ки роҳбарони дин дар ин бора шуниданд, онҳо қарор гирифтанд, ки Исо бояд бимирад, боз онҳо мехоҳанд Лаъзорро низ бикушанд. Далели онҳо? “Агар мо ба Ӯ иҷозат диҳем, ки ин тавр кор кунад, ҳама ба Ӯ бовар мекунанд ва румиён омада, ҳам ҷои моро ва ҳам миллати моро мегиранд.”

Хулосаи дигари Шӯрои пирон чунин буд: “Барои мо беҳтар аст, ки як кас барои халқ бимирад, аз он ки тамоми халқ нобуд шавад.”

# Боби 13: Ҳафтаи охирини ҳаёти Масеҳ

Дар бораи ҳафтаи охири ҳаёти Исо бисёр навишта шудааст. Дарвоқеъ, тасвири Китоби Муқаддас дар бораи ин як ҳафтаи муҳим (“Ҳафтаи ҳавас” номида мешавад) тақрибан аз се як ҳиссаи ҳикояи умумии ҳаёти Исоро ишғол мекунад. Ин ҳафтаи иди Фисҳ, муҳимтарин ҷашни яҳудиён буд. Азбаски ибодатхонаи яҳудиён дар Ерусалим буд, шаҳр аз одамоне, ки барои ҷашн омада буданд, пур мешуд. Як саволе, ки дар фикри ҳамаи одамон буд: Оё Исо ба роҳбарони дин нигоҳ накарда, ба ҷашни ид меояд ё не, зеро онҳо мехостанд Ӯро дастгир кунанд.

***Дар хотир доред: Фисҳ ҷашни он замоне буд, ки исроилиён дар Миср барраҳоро куштанд ва ба болои дари хонаҳояшон хун шакиданд, то фариштаи марг аз болои хонаи онҳо гузашта фарзандҳои онҳоро накушад. Баъд ин ҳодиса ба озод шудани исроилиён аз ғуломии Миср оварда расонд.***

Рӯзи якшанбе пеш аз иди Фисҳ Исо пайдо мешавад. Ӯ савори хар ба Ерусалим медарояд. Одамҳои зиёде ҷамъ омада, бо шиори “Ҳошаъно!”, ки маъноаш “Худо наҷот медиҳад”, Ӯро пешвоз мегирифтанд. Онҳо шохаҳои нахлро бурида меларзонданд ва ҷомаҳои худро ба роҳ мегузоштанд, то ки Исо аз болои онҳо гузарад. Роҳбарон бо бахили мегӯянд: “Бинед, тамоми ҷаҳон аз паси Ӯ меравад!” Исо ба ибодатхона омада фурӯшандаҳоеро мебинад, ки дар ҳавлие, ки дар он ҷо ғайрияҳудиён бояд ибодат кунанд, ҳайвонҳоро (барои қурбонӣ) мефурӯшанд, ва бо нархҳои хеле қимат. Исо мизҳои пулро чаппа карда, ҳамаи онҳоеро, ки дар он ҷо хариду фурӯш мекунанд, аз ибодатхона берун мекунад. Ӯ мегӯяд: “Хонаи Ман хонаи ибодат хонда мешавад, аммо шумо онро ба хонаи ғоратгарон табдил додает.”

Исо шабҳоро дар хонаи дӯстонаш берун аз Ерусалим мегузаронад, аммо ҳар рӯз бо шогирдонаш бармегардад, то дар ҳавлиҳои ибодатхона таълим диҳад. Шаҳр пур аз одамони тамоми ҷаҳон аст. Роҳбарон сахт мехоҳанд, ки Исоро дастгир кунанд, вале онҳо метарсанд, ки мардум ба муқобили онҳо мебароянд. Аммо барои роҳбарон чунин имконият пайдо мешавад, ва аз ҷониби касе ки онҳо бовар надоштанд. Яҳудои Исқарют, яке аз шогирдони Исо, назди роҳбарон меравад ва пешниҳод мекунад, ки агар онҳо ба ӯ пул диҳанд пас ӯ дар вақти танҳо будани Исо, ба онҳо хабар медиҳад, то омада Ӯро дастгир кунанд. Аҳд баста шуд ва Яҳудо сӣ тангаи нуқра гирифт.

Вақти таоми иди Фисҳ фаро мерасад, Исо ва шогирдонаш ҳуҷраеро интихоб мекунанд, то ки дар он ҷо ҷашн гиранд. Дар он ҷо хизматгоре набуд, ки пойҳои чанголудаи онҳоро бишӯяд, аз ин рӯ Исо об ва дастмоле гирифта ба шустани пойҳои шогирдонаш шурӯъ мекунад. Петрус рад карда мегӯяд, ки Исо оғои онҳост, на ғулом! Аммо Исо ҷавоб медиҳад: "Агар пойҳои туро нашӯям, пас ту бо Ман шарик намешавӣ." Исо мехоҳад, ки пайравонаш фаҳманд, ки онҳо низ бояд ба дигарон фурӯтанона хизмат кунанд.

Таоми Фисҳ пур аз маъно аст, ҳар як қисм чизеро аз замоне, ки исроилиён аз Миср раҳо шуда буданд дарбар мегирад. Исо ба ин таом рамзи нав меорад. Ӯ нонро гирифта, бадани Худаш меномад, ки барои онҳо шикаста мешавад. Ӯ нонро мешиканад ва ба онҳо медиҳад. Сипас як пиёла шаробро гирифта онро хуни Худ меномад, ки барои онҳо рехта мешавад. Пиёларо ба онҳо медиҳад, то аз он бинӯшанд. Ӯ ба онҳо мегӯяд, ки ин охирин бор аст, ки Ӯ иди Фисҳро дар замин ҷашн мегирад, иди ояндаро Ӯ дар Подшоҳии Худо ҷашн хоҳад гирифт. Исо мегӯяд, ки пас аз рафтани Ӯ, онҳо бояд нон ва шаробро ҳамчун ёдгории қурбонии Ӯ хӯранд. Имрӯз бисёр калисоҳо ин анъанаро идома медиҳанд.

Вақте ки онҳо якҷоя хӯрок мехӯранд, Исо шогирдонашро ба ҳайрат оварда, эълон мекунад, ки яке аз онҳо ба Ӯ хиёнат мекунад. Ҳар шогирд савол медиҳад: "Оё ман ҳастам, Худовандо?" Дар як лаҳза Исо ба Яҳудо мегӯяд: "Зудтар бирав ва он чиро, ки карданӣ ҳастӣ, бикун."

Пас аз хӯрокхӯрӣ Исо ва шогирдонаш ба боғи Ҷатсамон, ки дар беруни Ерусалим воқеъ аст, мераванд. Исо се шогирд - Петрус, Ёқуб ва Юҳанноро ба дарунӣ боғ мебарад, то дуо кунанд. Исо хоҳиш мекунад, ки шогирдонаш бо Ӯ дуо кунанд, вале онҳо мехобанд. Вақте ки Исо танҳо дуо мегӯяд, Ӯ мефаҳмад, ки вақти ранҷу азоби Ӯ расидааст. Вай дар ҳолати чунин вазнин аст, ки аз Ӯ қатраҳои хун мерезанд.

Дере нагузашта сарбозони фиристодаи роҳбарон барои дастгир кардани Исо ба боғ меоянд. Яҳудо Исоро бо бӯса пешвоз мегирад, ки барои сарбозон нишона мебошад. Петрус шамшерро берун мекашад, то Исоро муҳофизат кунад. Аммо Исо ба ӯ мегӯяд, ки шамшерашро ба ҷояш андозад, ва Ӯ Худро ба сарбозон таслим мекунад.

Аввал Исоро ба Шӯрои пирон мебаранд, ки дар он ҷо ҳама гуна айбдоркуниҳо зидди Ӯ эълон карда мешаванд. Далелҳои онҳо пурра ва монанд нестанд, аммо Исо Худро ҳимоя намекунад. Дар охир роҳбари дин аз Ӯ пурсид: "Оё Ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?" Исо ҷавоб дод: "Худатон ҳамин тавр гуфтед. Аммо ҳаминро ба ҳамаи шумо мегӯям, ки дар оянда шумо Фарзанди Инсонро аз дасти рости Худои Пурқудрат нишаста ва дар болои абрҳои осмон омада истода хоҳед дид!"

Дар ақидаҳои онҳо ин куфри равшан аст: Исо Худро бо Худо баробар карда, сазовори марг буд. Аммо, азбаски Исроил зери ҳукмронии Рим аст, танҳо румиён ҳукми қатлро бароварда метавонанд. Ҳамин тавр, роҳбарони яҳудӣ Исоро ба назди ҳокими Рим, Понтиюс Пилотус мебаранд. Азбаски Пилотус яҳудӣ нест ва аз ин рӯ "нопок" аст, роҳбарони яҳудӣ дар берун мемонанд, вақте ки Исо барои пурсиш ба ҳавли дохил мешавад. Исо ба айбҳо ҷавоб намедиҳад ва Пилотус мефаҳмад, ки роҳбарони яҳудӣ ба Исо бахили мекунанд. Ӯ ҳеҷ коре накардааст, ки сазовори марг бошад. Пилотус ҳатто Исоро назди подшоҳ Ҳиродус мефиристад, то бубинад, ки оё ӯ кӯмак карда метавонад. Исо дар назди Ҳиродус аз муҳофизат кардани Худ даст мекашад, Ҳиродус Ӯро латукӯб карда, ба назди Пилотус бармегардонад. Пилотус ба халқ мегӯяд, ки дар Исо ягон гуноҳеро намебинад, ва Ӯро озод хоҳад кард. Аммо роҳбарони дин мардумро розӣ кунонда буданд, аз ҳамин сабаб онҳо додзада гӯфтанд: "Ӯро ба салиб мехкӯб кун!" "Ӯро ба салиб мехкӯб кун!" Пилотус мефаҳмад, ки агар ин корро накунад, пас шӯриш сар мешавад. Ӯ намехоҳад, ки шӯриш ба амал ояд, барои ҳамин фармони мехкӯб кардани Исоро имзо мекунад.

# Боби 14: Вазифа иҷро шуд - Салиб ва марги Исо

Исоро ба назди сарбозони румӣ мебаранд, дар он ҷо Ӯро мезананд, ба рӯяш туф мекунанд ва барои Худро "подшоҳ" номидан масхара мекунанд. Аз хор тоҷ сохта, ба сараш тела медиҳанд ва боз мезананд. Ба Ӯ ҷома пушонида бо масхара саҷда мекунанд. Баъд Ӯро ба либосҳои Худаш пошонида барои мехкӯб кардан мебароранд.

Дар аввал Исоро маҷбур мекунанд, ки салиби вазнини Худро бардошта аз тамоми Ерусалим гузарад. Мардуми зиёде барои тамошо дар кӯчаҳо ҷамъ мешаванд ва баъзеҳо гиря мекунанд. Вақте ки Исо хеле хаста мешавад, аз одамҳои ҷаъмшуда, як мардро маҷбур мекунанд, ки салибро бардошта бурданро давом диҳад.

Исоро ба теппае, ки дар наздикии Ерусалим буд ва Ҷолҷото ном дорад, бурданд. Дастҳо ва пойҳои Ӯро бо меххои калон ба салиб мехкӯб карданд, ва Ӯро дар байни ду ҷинояткоре, ки низ мехкӯб шуда буданд монданд. Баъд Пилотус фармон медиҳад, ки дар болои салиби Исо аломат гузошта шавад. Дар он навишта буд: "Исои Носирӣ, Подшоҳи Яҳудиён." Роҳбарони яҳудӣ аз Пилотус хоҳиш мекунанд, ки аломатро иваз кунад ва нависад ки: "Ин шахс гуфт: "Ман Подшоҳи Яҳудиён ҳастам", аммо Пилотус рад мекунад. Вақте, ки Исоро мехкӯб карданд ними рӯз буд, аммо ба ин нигоҳ накарда ҳаво торик мешавад. Ҳангоме ки Исо мемирад, сарбозон барои ҷомаи Ӯ қуръа мепартоянд, то яке аз онҳо соҳиби он шавад.

Вақте ки Исо дар салиб овезон аст, гуноҳҳои тамоми ҷаҳон бар дӯши Ӯ гузошта мешаванд. Ҳамчун ягона шахсе, ки ҳаёти бегуноҳ дошт, Ӯ ҷазои гуноҳҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи ҳар як инсони таваллуд шударо ба Худ гирифт. Ин сабаби ба дунё омадани Ӯ буд. Вақте ки Исо дар салиб буд, чунин гуфт: "Падар, Падар, чаро Маро тарк кардӣ?" Бисёр одамон фикр мекунанд, ки дар он лаҳза Исо гунаҳкор шуд ва Падари Муқаддаси Ӯ Худо ба Ӯ нигоҳ карда наметавонист. Дигарон фикр мекунанд, ки Исо Забур 21 – ро, ки дар бораи марги Масеҳ пешгӯӣ мекунад, такрор мекард. Онҳое, ки дар он ҷо истода буданд, таронаро медонистанд ва ба хотир меоварданд, ки марги Ӯ ҳазор сол пеш пешгӯӣ шуда буд.

***Суханҳои шоҳ Довуд, ки бисёр сол пеш аз ҷазои қатл бо тавассути салиб, навишта шуда буд.***

***2. Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардаи?***

***17. Зеро ки сагон маро иҳота кардаанд; одамҳои бад дар гирди ман ҳастанд, дастҳо ва пойҳоямро маҷрӯҳ карданд.***

***18. Ҳамаи устухонҳоямро мешуморам, лекин онҳо тамошокунон аз ман ниқор мегиранд.***

***19. Сару либоси маро дар миёни худ тақсим мекунанд ва бар ҷомаи ман қуръа мепартоянд.***

Шояд дар аввал ин ғамгинона ба назар расад, аммо марги Исо дар салиб, пешгӯии китоби Ҳастӣ дар бораи ғалабаи бузург бар Шайтон буд: фарзанди Ҳавво (Исо) сари морро (Шайтон) пахш мекунад. Шайтон одамонро ба гуноҳ водор карда сипас онҳоро аз Худо ҷудо карда, асири гуноҳ мекунад. Дар салиб Исо қарзи гуноҳро пардохт кард, то онҳое ки ба Ӯ имон овардаанд, гуноҳҳояшон бахшида шаванд, ҳаёти ҷовидонӣ ва бо Худо муносибат дошта бошанд. Худи Исо "барраи Фисҳ" буд, ки барои инсоният қурбонӣ шуд.

Шайтон бешубҳа мағлубияти худро дарк кард. Ҳатто дар соати охир, Исо метавонист, ки барои гуноҳҳои одамон намирад ва Худро наҷот диҳад. Ӯ овозҳои одамони дар назди салиб будара мешунавид, ки дод зада мегӯфтанд: "Агар Ту дар ҳақиқат Писари Худо бошӣ, аз салиб озод шав ва мо ба Ту бовар хоҳем кард." Мо намедонем, оё ин васвасаи Шайтон буд ё хоҳиши онҳо, аммо аз сабаби муҳаббат ба инсоният ва итоат ба Падар, Исоро дар салим монд.



**Исо дар салиб**

Яке аз ҷинояткорони дар салиб буда мисли мардум Исоро дашном медиҳад, вале ҷинояткори дигар шарики худро сарзаниш карда мегӯяд: “Мо сазоворона ҷазои худро гирифтем, аммо ин мард ягон гуноҳе накардааст.” Баъд ӯ ба тарафи Исо гашта мегӯяд: “Вақте ки ба Подшоҳии Худ дохил мешави, маро ба ёд ор”. Исо ҷавоб медиҳад: “Имрӯз ту дар биҳишт бо ман хоҳӣ буд”.

Дар охир Исо бо овози баланд ҷон дода мегӯяд: **“Иҷро шуд!”**

Дар ин лаҳза дар баробари торикӣ заминҷунбии сахте ба амал меояд. Дар ибодатхона пардаи бузурге, ки дар назди Ҷойгоҳи Муқаддастарин аст, аз боло ба поён ду пора мешавад, ки рамзи дари кушода байни одам ва Худо мебошад.

***Ба “Ҷойи муқаддастарин”, саркоҳин дар як сол як маротиба барои қурбонии махсус ба Худо медаромад.***

Дар беруни шаҳр қабрҳо кушода мешаванд ва бисёре аз муқаддасони мурдагон зинда шуда ба Ерусалим дохил мешаванд.

Роҳбарони яҳудӣ намехоҳанд, ки ҷасадҳо дар рӯзи шанбе дар салиб овезон бошанд, бинобар ин аз Пилотус хоҳиш мекунанд, ки пойҳои ҷинояткоронро шикананд, то онҳо зудтар бимиранд. Сарбозони румӣ ҳайрон шуда мебинанд, ки Исо аллакай мурдааст. Одатан, шахс дар салиб то 20 соат азоб мекашид. Барои боварӣ ҳосил кардан, онҳо корди дарозро ба паҳлуи Исо мезананд ва аз захм хун ва об мерезад, ин маъно дошт, ки Исо дар ҳақиқат мурда буд.

Яке аз роҳбарони яҳудӣ, Юсуф аз Ариматея (пайрави пинҳонии Исо) аз Пилотус хоҳиш мекунад, ки ҷасади Исоро ба ӯ диҳад, барои дафн кардан. Ва ҳамроҳи дигар роҳбари яҳудӣ Ниқӯдимус, ҷасади Исоро аз салиб фуроварда, барои дафн омода мекунанд ва дар қабри нав, ки мисли ғор барои дафн буд, гузоштанд. Баъзе занҳое, ки пайравони Исо буданд, аз паси онҳо рафта тамошо мекарданд. Бо санги калон ғор пушонида мешавад ва сипас дӯстони Исо ба хонаҳояшон бармегарданд, то рӯзи истироҳати ғамангезро ҷашн гиранд.

Роҳбарони яҳудӣ назди Пилотус бармегарданд, зеро Исо пешгӯӣ карда буд, ки пас аз се рӯз аз мурдагон эҳё мешавад. Онҳо ба Пилотус гуфтанд: “Ба сарбозони худ фармон бидеҳ, то рафта ғорро се рӯз назорат кунанд. То шогирдони Исо рафта ҷасади Ӯро надузданд, ва ба халқ нагӯяд, ки гӯё Ӯ эҳё шуд.” Инак, дар назди қабр посбонҳо гузошта, онро маҳкам мекунанд.

# Боби 15: Масеҳ эҳё шуд!

Субҳи барвақти рӯзи якшанбе, занон бо равғанҳои хушбӯй ба сари қабр бармегарданд, то ҷасади Исоро тоза кунанд. Онҳо дар роҳ фикр мекунанд, ки кӣ метавонад санги вазнинро аз даромадгоҳ дур кунад. Аммо ба он ҷо расида диданд, ки посбонҳо нестанд ва санг ғелонда шуда аст. Онҳо ба дохили қабр нигоҳ мекунанд, аммо ҷасади Исо дар он ҷо нест. Ногаҳон ду фаришта дар паҳлӯи онҳо пайдо шуда, гуфтанд: "Чаро зиндаро дар миёни мурдагон ҷустуҷӯ мекунед? Ӯ дар ин ҷо нест, Ӯ эҳё шуд!" Занҳо чунон ба ҳаяҷон меоянд, ки давида ба шогирдон хабар медиҳанд.

Пас бо посбонон чӣ шуд? Вақте ки Исо аз мурдагон эҳё шуд, замин ба ларза омад ва посбонон "мисли мурда" афтоданд. Пас аз эҳё шудан, онҳо давида рафтанд, то ба роҳбарони яҳудӣ воқеаи рӯйдодаро нақл кунанд. Роҳбарон ба онҳо пули калон доданд, то дар бораи ҳодисаи рӯйдода хомӯш бошанд ва агар касе пурсад, бигӯянд, ки шогирдони Исо ҷасади Ӯро дуздидаанд.

Вақте ки занон ба назди шогирдон бармегарданд, ба онҳо мегӯянд, ки Исо намурдааст, Ӯ эҳё шуд ва зинда аст! Мардон дар аввал ба онҳо бовар намекунанд, аммо Петрус ва Юҳанно ба назди қабр давида меравaнд, ва онро холӣ мебинанд. Марями Маҷдалия, ки дар боғи назди қабр монда буд, гиря мекард, вақте ки Исо ногаҳон ба вай зоҳир шуд. Исо ӯро ба назди шогирдони дигар бармегардонад ва Мариям ба онҳо мегӯяд, ки Худовандро дидааст. Худи ҳамон бегоҳ шогирдон ва дигар пайравони Исо дар як хонае ҷамъ шуда буданд, ки ногаҳон Исо дар миёни онҳо пайдо шуда, гуфт: "Салом бар шумо бод!" Ӯ ба онҳо сӯрохиҳои дар дастҳо ва захми паҳлӯяш нишон медиҳад ва мегӯяд, ки онҳоро бо хабари хуш, дар бораи бахшоиши гуноҳҳо мефиристад.



**Исо ба Марями Маҷдалия зоҳир мешавад**

Тумо яке аз шогирдон, ҳангоми дар хона пайдо шудани Исо бо онҳо набуд. Баъдтар, вақте ки ӯ шунид, ки Исо зинда аст, бовар накарда гуфт: “То бо дастони худ ба захмҳои дастҳои Исо ва захми паҳлӯяш даст нарасонам, бовар намекунам.” Ногаҳон Исо боз пайдо мешавад ва ба Тумо мегӯяд, ки ба захмҳояш даст расонад. Ӯ арвоҳ нест. Тумо дарҳол бовар карда, мегӯяд: “Худованди ман ва Худои ман.”

Дар давоми 40 рӯзи дигар Исо ба бисёр одамон зоҳир шуд. Боре ду пайрави Ӯ дар роҳ ба сӯи шаҳре бо номи Эммаус мерафтанд. Марде ба онҳо ҳамроҳ шуда мепурсад, ки чаро онҳо ин қадар дар ташвишанд. Ин ду пайрави Исо ҳайрон мешаванд, ки ин мард дар бораи маслуб шуданӣ Исо хабар надорад. Ва ба ӯ дар бораи ҳодисаҳои гузашта нақл мекунанд. Боз нақл мекунанд, ки баъзе аз пайравони Исо мегӯянд, ки Ӯ эҳё шуд. Он гоҳ он мард ба фаҳмонидани Навиштаҳо (Аҳди Қадим) оғоз мекунад, ки чӣ тавр Исо бояд барои гуноҳҳо мемурд, ва Ӯ эҳё хоҳад шуд. Баъд он пайравон шахси ношиносро ба хӯроки шом даъват мекунанд ва вақте ки Ӯ Худоро барои ғизо шукр мегӯяд, онҳо ногаҳон мефаҳманд, ки ин Исо аст! Дар ҳамин лаҳза Исо нест мешавад.

Бори дигар шогирдонаш ба қаиқҳои худ баргашта, тамоми шаб моҳидорӣ карданд, аммо чизе нақапиданд. Саҳар марде дар соҳил ба онҳо мегӯяд, ки тӯрро ба дигар тарафи қаиқ партоянд. Шогирдон боз як сайди мӯъҷизавии моҳиро мекашанд ва Юҳанно ба Петрус мегӯяд: “Ин Худованд аст!” Петрус дарҳол ба об парида, ба соҳил шино мекунад, Исо дар он ҷо хӯроки субҳона тайёр карда, шогирдонашро пешвоз мегирад.

Бори дигар Исо ба як гурӯҳи 500 - нафара зоҳир шуд, ки онҳо Ӯро дар як вақт диданд. Дар охири 40 рӯз Исо дар кӯҳи Зайтун, берун аз Ерусалим бо пайравонаш вомехӯрад. Ӯ ба онҳо мегӯяд, ки онҳо бояд дар Ерусалим интизор шаванд, зеро ба қарибӣ Худо Рӯҳ (Рӯҳи Муқаддас ё Рӯҳулқудс) барои кӯмак ба онҳо фиристода мешавад. Сипас Исо ба онҳо вазифаи онҳоро медиҳад: онҳо бояд рафта, чизҳои дидаву шунидаашонро ба дигарон нақл кунанд ва ба дигарон кӯмак кунанд, ки Исоро пайравӣ кунанд. Хизмати онҳо аз Ерусалим оғоз шуда, ба минтақаҳои гирду атроф ва ба “канорҳои замин” паҳн мешуд ва Исо ваъда дод, ки ҳамеша бо онҳо хоҳад буд.

Сипас, Исо дар пеши назари онҳо ба осмон равон мешавад. Вақте ки онҳо ба осмон нигоҳ мекунанд, ду фариште пайдо мешаванд ва мепурсанд: “Чаро шумо дар ин ҷо истода, ба осмон нигоҳ мекунед? Худи ҳамон Исо, ки аз миёни шумо ба осмон бурда шудааст, ҳамон тавре ки шумо Ӯро дидаед, бармегардад.”

# Боби 16: Калисо - Ҷисми Исо дар рӯи замин

Акнун Исо ба осмон равон шуд, ва дар ҳамин ҷой тарҷумаи ҳоли Ӯро ба анҷом расондан хеле зебо мебуд. Аммо дар хотир доред, ки сухан дар бораи одами оддӣ намеравад, мо дар бораи Исои Масеҳ, ки Худо Писар аст, гап мезанем, бинобар ин ҳикоя идома дорад. Пайравони Исо ба Ерусалим бармегарданд, то ки якҷоя Рӯҳи Муқаддасро (Рӯҳулқудсро), ки Исо фармуда буд, интизор шаванд. Ин гурӯҳи калон буд - тақрибан 120 нафар, аз ҷумла 11 шогирди Ӯ ва занон (аз ҷумла модари Исо - Марям), ки пайравони Исо буданд. (Шогирди дувоздаҳум Яҳудо аз хиёнати Исо пушаймон шуда, худро ба дор овехта буд).

Пас аз панҷоҳ рӯз пас аз иди Фисҳ, яҳудиён ҷашни иди Пантикостро баргузор мекунанд, ки сабаби ин ид аз тарафи Худо додани Қонун дар кӯҳи Сино ба Мусо мебошад. Боз Ерусалим бо яҳудиёни тамоми давлат пур шуд. Дар субҳи иди Пантикост шогирдони Исо якҷоя ҷамъ шуданд, ва ногаҳон шамоли сахт шуд, Рӯҳи Муқаддас ба онҳо ворид шуда қувват ва хурсанди дод, ва дар болои сарҳои онҳо “забонҳои оташин” пайдо шуданд. Онҳо ба ҳама дар бораи Исо ва корҳои Ӯ нақл карданро сар мекунанд. Ба таври мӯъҷизавӣ, пайравони Исо дар бораи Исо бо забонҳое, ки пештар намедонистан, гап мезананд. Ҳамин тариқ, хориҷиёне, ки ба Ерусалим омада буданд, паёмро ба забони модарии худ мешунаванд. Онҳо дар ҳайрат буданд. Баъзеҳо пайравони Исоро масхара карда айбдор мекунанд, ки онҳо шароб нушида маст мебошанд. Аммо Петрус инро рад мекунад ва мегӯяд: “Ҳеҷ кас маст нест! Зеро соат танҳо 9 саҳар аст!”



**Қабули Рӯҳулқудс дар рӯзи иди Пантикост**

Он гоҳ Петрус бархоста, ба мардум дар бораи Исо мавъиза мекунад. Дар бораи он, ки чӣ гуна Ӯ мурд, эҳё шуд ва баъд Рӯҳи Муқаддасро ба онҳо фиристод. Одамон мепурсанд, ки барои наҷот ёфтан чӣ кор кардан лозим аст ва Петрус ҷавоб медиҳад, ки ба онҳо лозим аст, ки "тавба кунанд (аз гуноҳҳои худ рӯй гардонанд) ва ба исми Исои Масеҳ таъмид гиранд." Дар он рӯз тақрибан 3000 нафар ба ин хабар бовар карда, пайрави Исои Масеҳ шуданд. Ин ҳодисаи дар иди Пантикост таваллуди Калисо – "ҷисми" Масеҳ дар рӯи замин буд.

Баъд аз иди Пантикост. Петрус ва Юҳанно барои дуо гуфтан ба ибодатхона мераванд, аз назди дарвоза гузашта, ба марде дучор мешаванд, ки аз таваллуд ланг буд ва гадои мекард. Вақте ки ӯ ба Петрус ва Юҳанно мурочиат мекунад, онҳо ба ӯ мегӯянд, ки пул надоранд, лекин он чӣ доранд, ба ӯ медиҳанд. Он гоҳ фармон медиҳанд: "Ба номи Исои Масеҳи Носирӣ роҳ бигард". Мард аз ҷояш бармехезад ва ба ҷаҳидан шурӯъ мекунад!

Ин албатта диққати одамҳоро ба онҳо ҷалб кард ва Петрус гӯфт: “Чаро шумо ба мо чунон менигаред, ки гӯё мо худамон ин кори бузургро карда бошем? Номи Исо ва имоне, ки ба воситаи Ӯ меояд, ин одамро шифо додааст.” Он рӯз тақрибан 2000 нафари дигар бовар карданд.

***Тавре ки мо қаблан дидем, Шайтон дар салиб мағлуб шуд, вале нобуд нашуд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ӯ мисли шери ғуррон дар гирду атроф овора шуда, одамонро несту нобуд мекунад. Вай дар ҷанг мағлуб шуд, аммо то баргаштани Исо, Шайтон кушиш мекунад, ки ҳарчи бештари одамонро бо худ ба ҳалокат расонад. Яке аз роҳҳое, ки ӯ одамонро нобуд мекунад, ин ба доми гуноҳ афтодан аст. Боз ӯ одамонро аз шунидан ва фаҳмидани хушхабар дар бораи Исо, бозмедорад.***

Вақте ки Шӯрои пирон ин воқеаро мешунавад, Петрус ва Юҳанноро ба назди онҳо меоранд. Онҳо фармон медиҳанд, ки Петрус ва Юҳанно дар бораи Исо гап заданро бас кунанд. Аммо Петрус ва Юҳанно ҷавоб медиҳанд, ки онҳо дар бораи чизҳои дидаву шунидаашон гап заданро бас карда наметавонанд. Роҳбарон онҳоро таҳдид мекунанд, ки агар дар бораи Исо гап зананд, пас онҳоро оқибатҳои вазнин интизор аст, ва баъд онҳоро озод мекунанд.

Дере нагузашта роҳбарони дин таҳдидҳои худро ба амал оварда, ба таъқиби Калисои нав шурӯъ мекунанд. Шогирдонеро, ки акнун “ҳавворийён” (маънои “фиристодагон”) меноманд, латукӯб, ҳабс карда мешаванд ва Яқубро, ки шогирди Исо буд, барои пайравӣ ба Исо ҳатто сарашро мебуранд. Петрусро ҳабс мекунанд ва мехоҳанд кушанд, аммо дар шаб Худо фариштаеро мефиристад, ки ӯро аз зиндон наҷот медиҳад.

Таъқиботи барвақти калисо имондоронро аз Ерусалим ба шаҳрҳои дигар меронад ва барои паҳн шудан ва инкишоф ёфтани калисо кӯмак мекунад. Як пешвои яҳудӣ бо номи Шоул мехоҳад, ки ин имони навра нест кунад, ва ӯ на танҳо калисои Ерусалимро таъқиб мекунад, балки ба шаҳрҳои дигар сафар мекунад, то имондоронро дастгир карда ба зиндон партояд. Ӯ марди одил аст ва ин “таълимоти бардурӯғ”-ро дар бораи Исо, мехоҳад нест кунад.

Тавассути таъқибот Шайтон ба калисо аз берун ҳамла мекунад, аммо ӯ дар дохили он низ кор карда кушиш мекунад, ки калисоро тавассути гуноҳ нобуд кунад. Ду фиребгари аввалини калисо зану шавҳар Ҳанониё ва Сафира мебошанд, ки ба ҳавворийён дар бораи чӣ қадар пул доданашон ба калисо дурӯғ мегӯянд. Худо ҳамчун ҷазои фиребашон ҷони онҳоро мегирад.

# Боби 17: Калисои Исои Масеҳ барои ҳама

Ба таъқибот ва ҳамлаҳои берунӣ ва дарунӣ нигоҳ накарда, калисо афзоиш меёфт. Аммо дар аввал қариб ҳамаи имондорони нав яҳудиён буданд, ки Исоро ҳамчун Масеҳи худ қабул карданд. Филиппус, яке аз пешвоёни калисо, ба баъзе сомариён дар бораи Исо нақл мекунад. Сомариён як нажоди омехтаи яҳудиён ва ғайрияҳудиён буданд. Онҳоро яҳудиён қабул намекарданд. Вақте ки Филиппус дар бораи Исо мавъиза мекунад, Рӯҳулқудс ба сомариён дохил мешавад, чуноне ки Ӯ дар Пантикост бар имондорони яҳудӣ дохил шуд. Аз ин сабаб, Филиппус ва дигар ҳавввориён розӣ шуданд, ки Худо на танҳо яҳудиёнро, ки аз насли Иброҳим буданд, балки сомариёнро низ қабул мекунад.

Аммо ҳодисаи бузургтар ҳанӯз дар пеш буд. Марде бо номи Корнилюс мирисади румӣ буд, ки Худоро дӯст медошт. Рузе Корнилюс дуо мекард, ва фариштa дар назди ӯ пайдо шуда, ба ӯ гуфт, ки  дар шаҳри Ёфо марде бо номи Петрус ҳаст, ӯро ба назди худ даъват кун, зеро ӯ барои ту паёми хеле махсус дорад. Ҳамин тавр, Корнилюс чанд хизматгорро мефиристад, то Петрусро даъват кунанд, ки омада хабари Худоро расонанд.

Дар ҳамин ҳол, Петрус дар болои боми хона дар Ёфо баромада, дуо мекард, дар ҳамон лаҳза Худо ба ӯ рӯъё медиҳад. Петрус гурусна аст ва ӯ мебинад, ки як дастархони калон аз осмон ба поён меояд. Дар дохили дастархон ҳайвоноти зиёде мавҷуданд, ки яҳудиён намехӯранд. Худо ба Петрус мегӯяд, ки рафта, ҳайвонҳоро бикушад ва бихӯрад. Петрус мегӯяд: “Не, Худовандо, ман ҳеҷ гоҳ чизи нопок ва ҳаромро нахӯрдаам.” Дастархон ба осмон меравад, аммо боз ду маротиба поён мефароояд, Худо ба Петрус мегӯяд, ки бихӯрад, аммо Петрус рад мекунад. Худованд дар охир фармон медиҳад: “Он чизеро, ки Худо пок кардааст, нопок нагӯй.” Он гоҳ Худо ба Петрус мегӯяд, ки хизматгорон ба хона меоянд, то ӯро даъват кунанд, ки бо Корнилюс суҳбат кунад ва ӯ бояд натарсида бо онҳо биравад.

Ҳамин тавр, Петрус ба хонаи Корнилюс меравад, ки дар он ҷо Корнилюс гурӯҳи калони одамонро барои гӯш кардани Петрус ҷамъ кардааст. Петрус мегӯяд: “Шумо хуб медонед, ки барои яҳудӣ муоширaт кардан ё ба хонаи ғайрияҳудиён даромадан манъ аст. Аммо Худо ба ман нишон дод, ки ҳеҷ касро нопок ё ҳаром нагӯям.” Баъд ӯ дар бораи Исо нақл мекунад, аммо пеш аз он ки ӯ тамом кард, Рӯҳулқудс ба даруни шунавандагони румӣ, ки дар ҳуҷра буданд даромад! Петрус ба Калисо хабар медиҳад, ки ҳамаи одамон метавонанд Исоро пайравӣ кунанд ва Рӯҳулқудсро гиранд: яҳудиён, сомариён ва ҳатто онҳое, ки аслан яҳудӣ нестанд.



**Петрус дастархони пур аз ҳайвоноти нопокро мебинад**

Дар ҳамин ҳол, Шоул фарисӣ калисоро таъқиб карда, бисёре аз масеҳиёнро (пайравони Масеҳ) ба зиндон андохтааст. Вай мешунавад, ки дар Димишқ (Сурия) низ масеҳиён ҳастанд. Аз ин рӯ, ӯ ба назди роҳбарони яҳудии Ерусалим меояд, ки ба ӯ мактуби махсус диҳанд, ин мактуб ба Шоул иҷозат медиҳад, ки ба Димишқ биравад ва имондоронро ҳабс кунад. Вақте ки ӯ ба Димишқ мерафт, ногаҳон нури хеле равшан дар пеши Шоул пайдо шуд, ва ӯ ба замин афтод. Шоул овозеро шунид, ки ба ӯ гуфт: “Шоул, Шоул, чаро Маро таъқиб мекунӣ?” Шоул пурсид: “Худовандо, ту кистӣ?” Овоз ҷавоб дод: “Ман Исо ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунед.” Вақте ки Шоул бархост, вай кӯр шуд. Одамоне, ки бо Шоул буданд рӯшноиро диданд, аммо овозро нашуниданд. Акнун онҳо бояд Шоулро аз дасташ дошта ба Димишқ баранд.

Дар Димишқ як масеҳие бо номи Ҳанониё дар хонаи худ дуо мекунад, Худо ба ӯ мегӯяд, ки ба хонае, ки Шоул меистад, равад. Худо ба Ҳанониё мегӯяд, ки рафта барои Шоул дуо кунад, то ӯ бино шавад. Ҳанониё ҷавоб медиҳад: "Худовандо, ман шунидаам, ки ин мард пайравони Туро таъқиб карда ба зиндон мепартояд, ва акнун ӯ ба ин ҷо бо сарбозон омадааст, ки масеҳиёнро дастгир кунад." Аммо Худо Ҳанониёро бовар кунонда, мегӯяд: "Ин шахс интихоб шудаи махсуси Ман аст, ӯ бояд Исми Маро дар назди халқҳои дунё, подшоҳҳон ва банӣ-Исроил расонад ва бардорад. Ӯ барои Ман хеле азоб хоҳад кашид."

Акнун Ҳанониё рафта, барои Шоул дуо мекунад, ва Шоул бино мешавад. Дарҳол Шоул ба ҳама нақл мекунад, ки Исо - Масеҳ аст. Роҳбарони яҳудӣ қарор медиҳанд, ки Шоул бояд кушта шавад, аммо шабона масеҳиён дар Димишқ ба Шоул кӯмак карда, ӯро дар сабад аз девори шаҳр фуроварда, ба гурехтани ӯ кӯмак мекунанд. Шоул дар бораи Исо таълим доданро давом медиҳад, аммо ҳаввориён дар Ерусалим метарсанд, ки ӯро қабул кунанд, зеро гумон мекунанд, ки ин як фиреб аст. Як роҳбари калисо, бо номи Барнаббо, далерона Шоулро ба Ерусалим бармегардонад, ва дар он ҷо ҳаввориён мефаҳманд, ки Шоул воқеан пайрави ҳақиқии Исо шудааст.

Шоул ба Антокия мерасад ва бо Барнаббо ва дигар роҳбарони калисо дар он ҷо кор мекунад. Як рӯз Рӯҳулқудс ба калисо мегӯяд, ки Шоул (акнун номаш ба Павлус иваз карда шуда буд) ва Барнаббо бояд ҳамчун мубаллиғ (миссионер) ба шаҳрҳое раванд, ки ҳанӯз дар бораи Исо ва хушхабари марг ва эҳёи Ӯ нашунидаанд. Ҳамин тавр, онҳо дар саросари Туркияи ҳозира дар бораи Исо мавъиза карданро оғоз мекунанд ва бисёре аз яҳудиён ва ғайрияҳудиён имон меоранд.

Пас аз анҷоми сафар, Павлус ва Барнаббо ба Ерусалим мераванд ва дар он ҷо ба ҳаввориён нақл мекунанд, ки Худо дар сафари онҳо чӣ кор карда буд ва чӣ қадар яҳудиён ва ғайрияҳудиён ба паёми Исо имон оварданд. Роҳбарони он ҷо аз шунидани он, ки одамон аз гуноҳҳояшон наҷот ёфтаанд, хеле шод шуданд, вале баъзеҳо аз он нигарон буданд, ки ин одамон тамоми урфу одатҳои яҳудиро риоя намекунанд. Ҳамин тавр, дар Ерусалим аввалин Шӯрои Калисо ҷамъ мешавад, то муҳокима кунад, ки чӣ гуна талабот ба ин имондорони нав аз миллатҳои ғайрияҳудӣ гузошта шавад.

Ин баҳс солҳои тӯлонӣ идома дошт ва ҳоло ҳам баъзан мушкилот боқӣ мемонад. Мусо Қонунро қабул кард ва Исо дар мавъизаи худ дар болои кӯҳ меъёрҳои Қонунро баланд бардошт. Пас, қоидаҳои Аҳди Қадим (ба монанди Даҳ Аҳком) дар ҳаёти имондор чӣ нақш доранд? Китоби Муқаддас равшан нишон медиҳад, ки мо тавассути марги Масеҳ дар салиб наҷот меёбем, на бо корҳои нек. Исо гуфта буд: "Ман на барои он омадаам, ки Қонунҳоро бекор кунам, балки барои он омадаам, ки Қонунро ба ҷо оварам." Ҳеҷ кас дар назари Худо бо риояи қонун пок карда намешавад, балки танҳо ба воситаи иҷро шудани талаби Падар Худо аз ҷониби Масеҳ дар бораи қурбонии бегуноҳ.

Аммо гарчанде, ки Қонун наҷот оварда наметавонад, он то ҳол барои масеҳиён нақше мебозад. Худо ба мо Қонунро дод, то донем, ки гуноҳ чист. Бе он мо гуноҳро равшан фарқ карда наметавонем. Дуюм, Қонун барои он дода шудааст, ки ба мо роҳи зиндагии дурустро нишон диҳад. Агар мо дар ҳақиқат пайравони Масеҳ бошем, мо кӯшиш мекунем, ки Қонуни Худоро риоя кунем. Ва вақте ки мо онро риоя намекунем, пас бахшиш мепурсем. Мо то ҳол метавонем ба оқибатҳои гуноҳи худ гирифтор шавем, аммо мо барои гуноҳи худ намемирем, зеро Исо аллакай дар ҷои мо мурд. Гирифтани чизи хубе аз Худо, ки мо сазовори он нестем – ин баракати бузург аст.

Пас масеҳиён зери Қонун нестанд, балки кӯшиш мекунанд, ки мувофиқи Қонун зиндагӣ кунанд. Оё ин маънои онро дорад, ки мо бояд ҳайвонҳоро қурбонӣ кунем ва ягон хӯрокро, ба монанди гӯшти хук нахӯрем? Не, ин маънои онро надорад. Фаҳмидани он муҳим аст, ки Қонуни Аҳди Қадим аз се қисм иборат буд: Қонуни ахлоқӣ, Қонуни қурбонӣ ва Қонуни маросим.

Қонунҳои ахлоқӣ – ба монанди "ба бутҳо ибодат накунед", "дуздӣ накунед", "падару модари худро эҳтиром кунед" - то ҳол ба мо нишон медиҳанд, ки Худо чӣ гуна зиндагӣ кардани моро мехоҳад. Ин қисми Қонун он чизест, ки масеҳиён кӯшиш мекунанд, ки мувофиқи он зиндагӣ кунанд.

Қонунҳои қурбонӣ – вақте ки Исо барои гуноҳҳои мо мурд, дигар ҳайвонҳоро қурбони кардан лозим нест. Қурбониҳои ҳайвонҳот расме буданд, ки тасвири дар оянда қурбон шудани Исоро нишон медоданд. Мо дигар ба Қонуни қурбонӣ эҳтиёҷ надорем, зеро Исо барои ҳамаи имондорон қурбонии охирин буд.

Қонунҳои маросимӣ (баъзан шаҳрвандӣ номида мешаванд) – дар бораи чизҳое, ба монанди хӯрок, идҳо ва либосҳо барои нишон додани Исроил ҳамчун халқи махсус ки аз ҷониби Худо роҳбарӣ карда мешаванд, ва барои он буд, ки халқи Исроил ба дигар халқҳо монанд нашавад. Қонуни маросим барои ҳама миллатҳо ва асрҳо таалуқ надошт. Павлус дар номаи худ ба Ғалотиён ба ин саволи Қонун муроҷиат мекунад.

Шӯрои Ерусалим қарор кард, ки Павлус бояд ба назди имондорони нав баргардад ва ба онҳо бигӯяд, ки онҳо бо тамоми қонунҳои маросимҳо баста нестанд. Аз онҳо танҳо хоҳиш карда мешавад, ки гушти ҳайвоне, ки барои бутҳо қурбони карда шудааст харида нахуранд, аз ҷиҳати ҷинси худро пок нигоҳ доранд, ва аз нушиданӣ хуни ҳайвонҳо даст кашанд.

Павлус дар сафари дуюм ва ҳатто сеюм ба шаҳрҳое, ки дар он ҷо буд, баргашт ва ҳатто дар чанд шаҳрҳои Аврупо мавъиза кард. Дигар ҳаввориён низ ба ҳар тараф рафта, дар бораи Масеҳ нақл мекарданд. Якчанд номаҳое, ки Петрус, Павлус ва Юҳанно ба ин калисоҳои аввал навишта буданд, ба Китоби Муқаддас дохил карда шудаанд. Калисо, Бадани Масеҳ дар рӯи замин, дар тӯли 2000 сол афзоиш ёфт ва ҳоло дар ҳама кишварҳои рӯи замин вуҷуд дорад.

# Боби 18: Исо ҳоло чӣ кор мекунад?

Ин комилан равшан нест, ки Исо ҳоло чӣ кор мекунад. Пеш аз рафтанаш Исо ба пайравонаш як фикре дод. Ӯ гуфт, ки аз пас аз рафтанаш аз Падар хоҳиш хоҳад кард, ки Рӯҳулқудсро, ки дар Пантикост омада буд, фиристад. Ӯ гуфт, ки чун аъзои Сегона, ба тарафи рости Падар нишаста, ба хона бармегардад. Дасти рост рамзи ҷои қудрат ва шараф аст. Исо гуфт, ки барои пайравонаш ҷое тайёр карданӣ аст, ки дар он ҷо бо Худо зиндагӣ мекунанд. Китоби Муқаддас инчунин мегӯяд, ки Исо барои мо дуо мекунад.

***Дар фарҳанги яҳудӣ ва дар бисёре аз фарҳангҳои дигар имрӯз ҳам анъана аст, ки домод ба арӯси худ ҷавоҳирот ва либоси гаронбаҳо ҳадя мекунад ва ҳатто либоси арӯсии ӯро мехарад. Ин як тасвири зебои домод аст, ки ҳадди имкон кушиш мекунад, ки арӯсаш худро дар рӯзи тӯяш зебо ва дӯстдошта ҳис мекунад.***

Тавре зикр шуда буд, Исо нақши “сар”-и Бадани Худ, яъне Калисоро иҷро мекунад. Ӯ калисоро роҳнамоӣ мекунад, чунон ки сар баданро роҳнамоӣ мекунад. Калисо барои иҷро кардани хоҳишҳои роҳбари худ, яъне Масеҳ пешбинӣ шудааст. Исо инчунин ҳамчун домод тасвир шудааст, ки ба арӯси худ, Калисо омодагӣ мебинад. Ӯ мехоҳад, ки арӯсаш (халқаш) пок, бовафо ва зебо бошад. Исо бесаброна вақтеро интизор аст, ки Ӯ ва Калисои Ӯ ҳамеша якҷоя бошанд.

# Боби 19: Исо бармегардад - Оё шумо омодаед?

Ҳикояи Исо, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, имрӯз идома дорад. Якчанд воқеаҳое навишта шудаанд, ки ҳоло ба амал наомадаанд. Аз сабаби он, ки ин навиштаҳо ба оянда дахл доранд ва шахсоне, ки онҳоро навиштаанд, мисли хоб тасвир мекунанд, мо аниқ гуфта наметавонем, ки чӣ рух медиҳад. Донистани он, ки чӣ рамзӣ асту чӣ маъност ва бо кадом тартиб ин ҳодисаҳо рух медиҳанд, душвор аст. Аммо, баъзе ваъдаҳои равшан дар бораи оянда ҳастанд, ки Китоби Муқаддас борҳо такрор мекунад.

Бозгашти Исо (омадани дуюмаш): Исо ба замин бармегардад, ҳамон тавре ки ҳангоми рафтанаш ваъда дода буд. Баъзе аз чизҳое, ки дар бораи ин бозгашт навишта шудаанд, ин аст, ки ӯ хеле ногаҳон меояд, мисли “дузд дар шаб;” ҳамаи чашмҳо бозгашти Ӯро хоҳад дид; вай ин дафъа на ҳамчун наҷотбахш, балки ҳамчун довар меояд; вай аз байни абрхо меояд, на ҳамчун тифли хурдсол.

Ҳодисаи дигари оянда эҳёи мурдагон аст. Вақте ки Исо бармегардад, ҳамаи мурдагон ҷисми эҳёшавандаеро мегиранд, мисли ҷисме, ки Масеҳ ҳангоми эҳё шуданаш гирифта буд: тани ҷисмонӣ, ки метавонад ҳис кунад, бихӯрад, гап занад ва ғайра. Онҳое, ки дар вақти бозгашти Ӯ зиндаанд дарҳол ба ҷисми эҳёшудаи худ табдил меёбанд.

Ҳамчунин ҳукм (суд) хоҳад буд. Ҳар як шахс барои гуноҳе, ки дар ҳаёти худ содир кардааст, ҷавоб хоҳад дод. Аммо онҳое, ки имон овардаанд ва марги Исоро ҳамчун ҷазо барои гуноҳҳои худ қабул мекунанд, ҷазо нахоҳанд гирифт, зеро ҷазои онҳо аллакай дода шудааст. Исо омада буд, то одамонро аз гуноҳҳояшон наҷот диҳад ва дар ҳаёти онҳо ҳамчун Худованд ҳукмронӣ кунад. Онҳое, ки ҳаёти худро ба Ӯ бовар намекунанд, дар абадият азоб хоҳанд кашид.

Ҳодисаи дигар ин аст, ки осмон ва замин бо оташ нобуд мешаванд ва осмону замини нав ба вуҷуд меоянд, ки дар он Худо ҳукмронӣ мекунад. Ҳама чизҳо мисли пеш аз гуноҳи аввалини Одаму Ҳавво хоҳад буд, бе гуноҳ, бе беморӣ ва сулҳ байни одамон ва байни ҳайвонот. Онҳое, ки гуноҳҳояшон дар Масеҳ бахшида шудаанд, то абад дар он ҷойи комил бо Худо зиндаги хоҳанд кард.



**Исо ҳамчун Подшоҳ ва Худованд бармегардад!**

# Хотима: Исо ва мо

Ҳикояи Исо бо ҳикояҳои мо чӣ гуна алоқаманд аст? Чӣ гуна шахс метавонад бахшоиши гуноҳҳоро қабул кунад ва ба Малакути Худо дохил шавад? Бисёр одамон, пас аз фаҳмидани он ки онҳо гунаҳкоранд ва чӣ қадар Исо барои онҳо кор кардааст, бо садои баланд ё хомӯш, танҳо ё бо шахси дигар, бо дуои самимии ба Худо шукргузорӣ мегӯяд. Онҳо ба гуноҳҳои худ дар назди Худо иқрор шуда, эътироф мекунанд, ки гунаҳкоранд ва мувофиқи хости худ зиндагӣ кардаанд. Онҳо омодагии худро нишон медиҳанд, ки марги Исоро барои бахшоиши гуноҳҳояшон қабул мекунанд ва мувофиқи иродаи Худо зиндагӣ хоҳанд кард. Ин маънои онро надорад, ки онҳо дигар ҳеҷ гоҳ гуноҳ намекунанд, аммо онҳо ният доранд бо Масеҳ зиндагӣ кунанд ва боварӣ доранд, ки Исо гуноҳҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи онҳоро мебахшад. Онҳо медонанд, ки тӯҳфаи оличаноби бахшоишро гирифтаанд, ва агар гуноҳ кунанд пас ҳар вақт метавонанд ба Худо мурочиат карда, дар гуноҳояшон иқрор шуда бахшоишро гиранд.

Инчунин роҳҳои оммавӣ вуҷуд доранд, ки одамон муносибати худро бо Масеҳ оғоз мекунанд. Баъзеҳо дар назди одамони дигар имони худро ба Масеҳ эълон мекунанд. Онҳо метавонанд ба оила ва дӯстон дар бораи имони нави худ нақл кунанд. Онҳо метавонанд таъмидро дар калисои худ қабул кунанд. Таъмид мисли як маросими никоҳ байни шумо ва Масеҳ аст, ки дар он шумо ӯҳдадор мешавед, ки ба Масеҳ муҳаббат, хизмат ва итоаткорӣ дар давоми тамоми умри худ кунед, зеро Ӯ ба шумо қувват мебахшад. Ба ивази ин, Худо ба шумо Рӯҳи Муқаддас, ҳузури доимии Худро дар ҳаёти масеҳи медиҳад.

Вақте ки мо Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Подшоҳи худ қабул карда, ба Малакути Худо дохил мешавем, боз чӣ мешавад? Дар поён баъзе аз чизҳое, ки дар Китоби Муқаддас зикр шудаанд, навишта шудааст:

- Мо фарзандони Худо мешавем, Ӯ моро ба фарзанди қабул кардааст (Эфсӯсиён 1:5).
- Мо офариниши нав мешавем (2 Қӯринтиён 5:17).
- Фариштагон дар осмон шод мешаванд (Луқо 15:10).
- Гуноҳҳоямон бахшида шудаанд ва мо аз ғазаби Худо наҷот ёфтем (Румиён 5:9).
- Мо метавонем бе тарс ба Худо мурочиат кунем (Ибриён 4:16; Эфсӯсиён 3:12).

- Мо дар осмон мерос дорем (1 Петрус 1:4).
- Мо шогирдони Исо мешавем ва кӯшиш мекунем, ки ба Ӯ итоат кунем (Юҳанно 8:31-32 ва 14:21).
- Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо ҳосил медиҳад: меҳрубонӣ, сабр, муҳаббат ва ғайра (Ғалотиён 5:22-23).

Пас аз қабул кардани Исои Масеҳ, мо чӣ тавр муносибатамонро бо Худо мустаҳкам карда метавонем? Исо гуфта буд, ки агар мо фармонҳои Ӯро риоя кунем, пас мо Ӯро дар ҳақиқат хоҳем шинохт:

*“Ҳар кӣ фармонҳои Маро медонад ва риоя мекунад, вай Маро дӯст медорад” (Юҳанно 14:21).*

Мисли муносибат бо одамҳо, дар муносибат бо Худо низ яке аз чизҳои муҳим ин сухбати хуб, ҳам гап задан ва гӯш кардан мебошад. Яке аз роҳҳои оддии суханронии Исо бо мо тавассути Каломи Худ, Китоби Муқаддас аст. Вақте ки мо Каломи Ӯро мехонем, мо инчунин кӯшиш мекунем, ки он чизеро, ки дар он гуфта шудааст, иҷро кунем. Ин ҳам як қисми муносибатҳои хуб аст. Агар ба як узви оила ё дӯстамон ягон коре маъқул набошад, аммо мо онро рӯз аз рӯз карданро давом диҳем, муносибатҳои мо он қадар солим ё қавӣ нахоҳад шуд. Мо корҳоеро мекунем, ки ба каси дигар маъқул аст, бо Исо низ чунин тавр аст. Агар шумо намедонед, ки чӣ тавр тавассути хондани Китоби Муқаддас Худоро гӯш кардан мумкин аст, пас ба иловаҳои ин китоб нигаред, “Китоби Муқаддасро як қисми ҳаёти худ кунед.”

Дар муносибатҳои хуб мо на танҳо гӯш мекунем, балки сӯҳбат мекунем. Мо фикрҳо, орзуҳо, лаззатҳо, тарсҳо, мушкилот ва нокомиҳои худро ба шахси дигар нақл мекунем. Бо Масеҳ низ ҳамин тавр аст. Мо метавонем бо Ӯ ҳар вақт, бо овоз ва ҳатто дар фикри худ сӯҳбат кунем. Баъзе одамон дар дуоҳои худ оятҳои Китоби Муқаддасро истифода мебаранд. Баъзеҳо дуоҳои навиштаи дигаронро мехонанд, ки ҳамон чизеро мегӯянд, ки онҳо мехоҳанд бигӯянд. Баъзе одамон дуоҳои худро дар маҷаллаҳои дуо менависанд. Баъзеҳо дар ҳавои тоза ва табиат дуо гуфтанро дӯст медоранд, дигарон дар дохили хона, албатта боз дар калисо дуо мекунанд.

Роҳи муҳими дигар, барои инкишоф додани муносибат бо Исо, ин қисми аъзои Бадани Ӯ (Калисо) будан дар рӯи замин, мебошад. Китоби Муқаддас пур аз оятҳоест, ки чӣ тавр одамҳо дар ҳаёти худ бо Масеҳ якдигарро дастгирӣ мекунанд. Мо бояд якдигарро дӯст дорем, дар ҳаққи якдигар дуо гӯем, бори гарони якдигарро бардошта, якдигарро бахшем ва гуноҳҳои худро ба якдигар иқрор кунем. Чӣ тавре ки узвҳои бадан ба ҳамдигар ниёз доранд, узви бадани Масеҳ низ ба узвҳои дигар ниёз дорад. Роҳи беҳтарини пайвастшавӣ ба Бадани Масеҳ ин пайдо кардани калисо ё гурӯҳи масеҳиён аст, ки мунтазам барои ибодат ва якҷоя инкишоф ёфтан ҷамъ мешаванд.

Роҳи дигари инкишоф додани муносибатамон бо Исо ин ба дигарон дар бораи Ӯ нақл кардан аст. Исо намехоҳад, ки ин хушхабар пинҳон нигоҳ дошта шавад. Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи одамон донанд, ки агар онҳо хоҳиш дошта бошанд, ки гуноҳояшон бахшида шаванд, ва бо Худои тамоми олам, ки онҳоро бо тамоми дилу ҷон дуст медорад пайваст шаванд, пас марҳамат Ӯ онҳоро интизор аст. Барои бисёр одамон, имон чизи шахсӣ ва хусусӣ аст, аз ин рӯ мо бояд бо диққат ва дуруст дар бораи Исо ба дигарон нақл кунем. Аммо вақте, ки имконият пайдо мешавад мо бояд омода бошем, ки дар бораи Исо сӯҳбат кунем.

Хуб, ин ҳикояи Исо буд, ки барои чӣ омад, мурд ва эҳё шуд. Дар охир, тамоми ҳикояро дар як оят аз Инҷили Юҳанно боби 3, ояти 16 зебо ҷамъбаст кардан мумкин аст:

*“Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ дошта бошад.”*

# Иловаҳо

## Китоби Муқаддасро як қисми ҳаёти худ кунед

Китоби Муқаддас як китоби аҷоибест, ки дар тӯли тақрибан 1300 сол аз ҷониби 35 – 40 муаллиф навишта шудааст. Он тақрибан ба 700 забон тарҷума шудааст ва ҳоло ҳам хуб фурухта мешавад. Китоби Муқаддас фаҳмиши шуморо дар бораи Худо бисёртар мекунад. Худо қаҳрамони асосии Китоби Муқаддас аст ва он фаъолият ва паёмҳои Худоро ба инсоният дар тӯли таърих сабт кардааст. Китоби Муқаддас инчунин нишон медиҳад, ки мо кӣ ҳастем ва чӣ тавр мо метавонем Худоро ба воситаи Исои Масеҳ шиносем. Ин мавзӯи асосии ин китоб аст. Китоби Муқаддас инчунин дастурҳоро дар бораи он, ки чӣ тавр дар баракат зиндаги карданро дар бар мегирад. Ин маънои зиндагии бе мушкилотро надорад, аммо маънои зиндагии пур ҳосил дар муҳаббат ба Худо ва дигар омадмонро дар бар мегирад. Китоби Муқаддас инчунин ба мо хабар медиҳад, ки аз гуноҳ дурӣ ҷӯем, дар ҳолатҳои душвор умед дошта бошем ва бе пушаймони зиндагӣ кунем.

Дар поён чанд маслиҳатҳое навишта шудаанд, ки чӣ тавр бояд аз Китоби Муқаддас фоидаи пурра гирифт:

### Он Китоби Муқаддасро гиред, ки ба шумо фаҳмо аст (яъне тарҷумаи ба шумо фаҳмо)

Китоби Муқаддас дар ибтидо ба забони ибронӣ (Аҳди Қадим) ва юнонӣ (Аҳди Ҷадид) навишта шудааст. Барои худ он тарҷумаи Китоби Муқаддасро интихоб кунед, ки ба шумо маъқул ва фаҳмо аст. Калисоҳо Китоби Муқаддасро бе пул тақсим мекунанд, агар ба шумо лозим бошад пас ба калисо рафта, хоҳиш кунед ки ба шумо диҳанд. Инчунин барои телефони шумо барномаҳои Китоби Муқаддас мавҷуданд.

### Сохтори Китоби Муқаддасро фаҳмед

Акнун, ки шумо Китоби Муқаддас доред, хонданро аз куҷо сар мекунед? Одатан, вақте ки шумо китоб доред, шумо аз саҳифаҳои аввал оғоз мекунед. Аммо дар асл Китоби Муқаддас як китоб нест, он аз аз 66 китоб иборат аст. Дуруст, 66! Пас шумо бояд аз куҷо сар кунед?

Ин “китобхона” бо номи Китоби Муқаддас дорои ду “ҳуҷра” – Аҳди Қадим, ки Худо бо халқи яҳудии Исроил пеш аз Масеҳ пайваст буд, ва Аҳди Ҷадид, ки Худо бо ҳама, аз ҷумла шумо, пайваст аст. Аммо чаро Аҳди Қадим ба Китоби Муқаддас дохил карда шудааст, агар он ба Исроил дахл дошта бошад? Зеро барои тамоми ҷаҳонро ишғол кардан Худо муносибати махсуси Худро бо Исроил истифода бурд. Хондани Аҳди Қадим дар бораи хислатҳои Худо, дар бораи он ки чӣ тавр Ӯ шахсан бо халқи Худ робита дошт ва чӣ гуна ниятҳои Ӯ нисбати инсон то имрӯз ба амал омадаанд, бисёр чизҳоро ошкор мекунад.

Аҳди Қадим аз 39 китоб иборат буда, ба чаҳор бахш тақсим шудааст:

| **Бахш ва китобҳо** | **Мавзӯъ** |
|---|---|
| **Панҷкитоб ё Қонунҳо**<br>Ҳастӣ, Хуруҷ, Ибодат, Ададҳо, Такрори Шариат | Ҳикояҳои ҷолиби офариниш ва имондорони аввалро дар бар мегирад, ки Патриархҳо (сардори қабила) ном доранд, қонунҳои ахлоқӣ, қурбонӣ ва маросимиро барои Исроил дар бар мегирад. |
| **Китобҳои таърихӣ**<br>Еҳушаъ, Доварон, Рут, Подшоҳон 1 – 4, Вақоеънома 1 – 2, Эзро, Наҳемё, Эстер | Сабти таърих ва роҳбарони Исроилро дар бар мегиранд, ва ба мо нишон медиҳанд, ки чӣ мешавад вақте роҳбарон ва халқ Худоро пайрави мекунанд ё вақте, ки аз роҳҳои Худо мегарданд. |
| **Китобҳои шеърӣ**<br>Айюб, Забур, Масалҳо, Воиз, Суруди Сурудҳо | Шеъру тарона ва гуфтаҳои ҳикматнок, ҳатто як ҳикояи муҳаббат, дохил мешаванд. |
| **Пайғамбарҳо (пешгӯиҳо)**<br>Ишаъё, Ирмиё, Марсияҳо, Ҳизқиёл, Дониёл, Ҳушаъ, Юил, Омӯс, Убадё, Юнус, Мико, Наҳум, Ҳабаққук, Сафанё, Ҳаҷҷой, Закарё, Малокӣ | Огоҳиҳои Худо ба халқи Худ ва дигар халқҳо дар бораи гуноҳ ва доварӣ, инчунин ваъдаҳои муҳаббат ва ғамхории Ӯ. Пешгӯиҳо дар бораи оянда. Бисёре аз ин пешгӯиҳо амалӣ шуданд, аммо баъзеи онҳо ҳанӯз дар пешанд. |

Аҳди Ҷадид 27 китоб дорад ва инчунин қисмҳои гуногунро дар бар мегирад.

| Бахш ва китобҳо | Мавзӯъ |
|---|---|
| **“Инҷил”, ки маънояш “Хуш Хабар” аст.** Матто, Марқӯс, Луқо ва Юҳанно | Чаҳор ҳикоя дар бораи ҳаёти Масеҳ дар рӯи замин, ки ҳар кадоми онҳо аз ҷониби муаллифони гуногун бо нуқтаи назари махсус навишта шудаанд. |
| **Таърихи калисои аввала** Аъмоли Ҳаввориён (ё Корнома) | Дар бораи Калисои (Бадани Масеҳ) аввала дар рӯи замин. |
| **“Мактубҳо” ё номаҳое, ки ба** Румиён, Қӯринтиён 1 – 2, Ғалотиён, Эфсӯсиён, Филиппиён, Қӯлассиён, Таслӯникиён 1 – 2, Тимотиюс 1 – 2, Титус, Филемун, Ибриён, Яъқуб, Петрус 1 – 2, Юҳанно 1 – 3, Яҳудо навишта шудаанд. | Номаҳо ба имондорон дар ҷойҳои гуногун, ки аз ҷониби ҳаввориён Петрус, Яъқуб, Юҳанно, Павлус ва дигарон навишта шудаанд. |
| **Пешгӯӣ дар бораи оянда** Ваҳй | Паёми охирине, ки ба ҳаворӣ Юҳанно дар бораи рӯйдодҳои оянда, аз ҷумла охири замон дода шудааст. Дар ин китоб рамзҳои бисёр вуҷуд доранд ва ҳеҷ кас аниқ намедонад, ки онҳо чӣ маъно доранд, аммо паёми асосӣ равшан аст: Исо ҳамчун Подшоҳ ва Худованд бармегардад! |

## Ҷои хуберо барои оғози хондан пайдо кунед

Албатта шумо метавонад Китоби Муқаддасро аз аввал хонданро сар кунед, аммо дар мобайни дуюм китоб (Хуруҷ), шумо мумкин аз бисёр амалҳои қадимӣ ва қонунҳои аҷиб ба ҳайрат афтед. Ба ҷои ин...

- **Шояд шумо мехоҳед ба иловаи “Боб ба боб бо ишораҳои Китоби Муқаддас” муроҷиат кунед** ва ҳикояҳои ин китобро мустақиман аз Китоби Муқаддас хонед. Хондани “Ҳикояи Исо” ба тамошои филми кутоҳ монанд буд, аммо худи Китоби Муқаддас ҳама нуктаҳоро дар бар мегирад.
- **Шумо метавонед яке аз Инҷилҳоро дар бораи ҳаёти Исо интихоб кунед** ва онро аз аввал то ба охир хонед. Шумо дар бораи ҳаёт ва таълимоти Исо маълумоти бештар мегиред. Махсусан Инҷили Луқо барои ғайрияҳудиён навишта шудааст ва барои оғоз кардани хондан хуб мебошад.
- **Шумо метавонед бо китобҳое оғоз кунед, ки ба осонӣ фаҳмида мешаванд**, ба монанди Инҷили Юҳанно, Аъмоли Ҳаввориён ё номаи Яъқуб.
- **Аз Аҳди Қадим, Ҳастӣ, Подшоҳон 1, Масалҳо, Забурҳо барои оғоз кардан хуб мебошанд**. Китоби Рут низ хеле ҷолиб аст. Юнус ва 6 боби аввали Дониёл якчанд ҳикояҳои хубро дар бар мегиранд.

Нагузоред, ки саҳифаҳои бисёри Китоби Муқаддас шуморо тарсонад, танҳо як нуқтаи хуби аввалро пайдо карда, оғоз кунед!

## Хониши Китоби Муқаддасро ҳамчун одат инкишоф диҳед

Вақте ки шумо нақша пайдо мекунед, пас ҳар рӯз каме Китоби Муқаддасро хонед. Шумо одат пайдо мекунед, агар:

- **Вақти аниқ ва ҳаррӯзаи дошта бошед.** Баъзе одамон саҳар аввал Китоби Муқаддасро мехонанд, зеро ақли онҳо тоза аст, дигарон шабона пеш аз хоб. Баъзеҳо Китоби Муқаддасро ҳангоми рафтан ба мактаб ё коллеҷ мехонанд. Бо имконоти гуногун таҷриба кунед, то вақти беҳтаринро барои худ бифаҳмед.

- **Ҷои аниқ ва доими барои хондани Китоби Муқаддас пайдо кунед, ки дар он ҷо ба шумо халал намерасонад.** Агар шумо Китоби Муқаддасро дар телефони худ хонед, ин метавонад мушкил бошад. Ман тавсия медиҳам, ки Китоби Муқаддаси қоғазиро хонед, телефони худро хомӯш кунед ё дар ҳуҷраи дигар монед ё овози онро дар вақти хондан хомӯш кунед. Худо мехоҳад, ки тавассути хондан бо шумо сӯҳбат кунад, аммо шунидан душвор мешавад, агар шумо ба дигар чиз таваҷҷӯҳ кунед.
- **Бо ҳадафи ҳақиқи оғоз кунед**. Ҳадафи шумо набояд ҳар рӯз бисёр хондан бошад. Аммо хондани боб ё ҳатто чанд оят ва гӯш кардани он чизе ки Худо ба шумо мехоҳад гӯяд, муҳимтар аст. Даванда аз масофаҳои дароз сар намекунад, аммо аз он масофаҳое, ки қувваташ кофи аст. Агар шумо хоҳед, ки бештар хонед, шумо дар бораи он чизе ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, маълумот хоҳед гирифт. Аммо барои ин кор набояд ягон фишор бошад.

Аз ҳама муҳим, таслим нашавед! Агар вақт ё ҷои шумо мувофик набошад ё дирӯз хонданро фаромӯш кардед, шумо ҳамеша метавонед аз нав оғоз кунед. Шумо аз ин кор хурсанд хоҳед шуд.

## Дигаронро ба хондани Китоби Муқаддас ҷалб кунед

Мисли омӯзиши варзиш ё дигар маҳорати нав, доштани устод хеле хуб аст – шахсе, ки аз шумо зиёдтар медонад ва метавонад ба саволҳоятон ҷавоб диҳад ё ягон пешниҳод кунад. Ӯ бояд шахсе бошад, ки Китоби Муқаддасро хуб медонад ва дар бораи шумо ғамхорӣ мекунад; шояд роҳбаре аз лагер, гурӯҳи ҷавонон, шахсе аз калисо ё одаме, ки ин китобро ба шумо додааст!

Шумо инчунин метавонед аз дӯстатон хоҳиш кунед, ки ӯ ҳам Китоби Муқаддасро хонад. Шумо метавонед якҷоя ҷамъ шуда, чизҳои хондаатонро ба якдигар нақл кунед.

Ё шумо метавонед омӯзиши гурӯҳии Китоби Муқаддасро пайдо кунед, ва ба он ҳамроҳ шавед. Баъзан ин гурӯҳҳо дар давоми ҳафта якчанд оятҳои Китоби Муқаддасро мехонанд ва сипас барои муҳокима кардани чизҳои омӯхтаашон ҷамъ мешаванд.

Ниҳоят, кӯшиш кунед, ки он чизеро, ки Худо ба шумо таълим медиҳад, бо одамоне мубодила кунед, ки ҳатто Китоби Муқаддасро намехонанд.

## Он чизеро, ки омӯхтаед, истифода баред

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Рӯҳулкудс ба мо кӯмак мекунад, ки Китоби Муқаддасро дарк кунем ва бифаҳмем, ки чӣ тавр Худо фикрҳо ё амалҳои моро иваз кардан мехоҳад. Хуб мешавад, агар пеш аз хондан дуо кунед, ки Худо ақли шуморо кушояд, барои фаҳмидани чизҳое, ки Ӯ мехоҳад гӯяд.

Ҳангоми хондан шумо метавонед ягон оятеро, ки махсусан ба шумо таъсир мекунад, ба қайд гиред. Шумо метавонед ин корро тавассути равшанкунак (фломастер) ё бо қалам гирд кунед. Барномаҳои телефонии Китоби Муқаддас одатан ба қадгирак доранд.

Боз як воситаи фоиданок барои омӯзиши Китоби Муқаддас ин доштани дафтарест, ки дар он шумо оятҳои махсус ва фаҳмиши худро менависед. Яке аз мисолҳо:

1. Санаро (соат, рӯз, моҳ ё ҳатто сол) бо рақами китоб, боб ва ояти ба дил наздик шударо нависед.
2. Кӯшиш кунед, ки маънои оятро бо суханони худ дар дафтар нависед.
3. Ниҳоят, кӯшиш кунед, ки фикрҳои худро ба 2 ё 3 калима ҷамъ кунед. (Дар хотир доштани чанд калима назар ба тамоми оят ё порчаи он рӯз хондаатон осонтар аст).

Роҳи дигари беҳтарини ворид кардани каломи Худо ба ҳаёти худ ин аз ёд кардани оятҳо ва сипас ҳар рӯз такрор кардани онҳо мебошад. Шумо метавонед оятҳоро дар варақча нависед ва дар ҳолати лозим ё вақти холи ба он назар кунед.

Як ояти хуб барои оғоз Юҳанно 3:16 аз охири ин китоб аст. Дигар оятҳои хуб дар иловаи “Оятҳо дар бораи Исо барои аз ёд кардан” мавҷуданд. Хуб мебуд, агар натанҳо оятро аз ёд кунед, аммо боз ишораи (рақам) он, ки дар кадом китоб навишта шудааст, ва мавзӯъе, ки бо он алоқаманд аст.

Китоби Муқаддас – китобест, ки ҳаёти шуморо аз бисёр ҷиҳат иваз мекунад, агар шумо иҷозат диҳед.

# Оятҳо дар бораи Исо барои аз ёд кардан

| | |
|---|---|
| **Худогии Исо**<br>Зеро ки дар Ӯ тамоми пуррагии Худоии ҷисман сокин аст.<br>Қӯлассиён 2:9 | **Қурбонии Исо**<br>Зеро медонед, ки Худо шуморо аз ҳаёти беҳудаву бемаъние, ки аз бобоҳоятон мондааст, бо нархи гарон харида, озод кардааст. Ин нарх нуқраву тиллои нобудшаванда нест, балки хуни гаронбаҳои Масеҳ аст, ки ҳамчун барраи беайб ва бенуқсон қурбон шуда буд.<br>1 Петрус 1:18 – 19 |
| **Инсонияти Исо**<br>Дар ибтидо Калом буд ва ин Калом бо Худо буд ва Калом Худо буд. Инак, Калом инсон шуд ва дар миёни мо истиқомат дошт. Мо шӯҳрату ҷалоли Ӯро дидем, ки мисли ҷалоли фарзанди ягонаи Падар пур аз марҳамату ростӣ буд.<br>Юҳанно 1:1, 14 | **Исо барои гуноҳкорон мурд**<br>Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд.<br>Румиён 5:8 |
| **Эҳёи Исо**<br>Аммо Масеҳ аз мурдагон эҳё шуда, навбари мурдагон гардид.<br>1 Қӯринтиён 15:20 | **Омадани дуюми Масеҳ**<br>Масеҳ низ як бор мурд. Вале, Ӯ ки Худ бегуноҳ буд, вақти қурбон шуданаш барои ба дӯш гирифтани гуноҳи бисёриҳо ҳукм шуд. Акнун ки бори дуюм меояд, бо гуноҳ кордор намешавад, балки онҳоеро, ки интизори омаданаш ҳастанд, наҷот медиҳад.<br>Ибриён 9:28 |
| **Ба Исо имон оваред**<br>Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ дошта бошад.<br>Юҳанно 3:16 | **Итоат ба Масеҳ**<br>Ҳар кӣ бо фармонҳои Ман розӣ шаваду онҳоро иҷро кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад ва ҳар кӣ Маро дӯст дорад, ӯро Падари Ман ҳам дӯст медорад.<br>Юҳанно 14:21 |

# Агар ман дар бораи Китоби Муқаддас шубҳа дошта бошам, пас чӣ кор кунам?



Китоби Муқаддас чизҳоеро дар бар мегирад, ки барои мо фаҳмидан душвор аст. Махсус Худи Худо комилан фаҳмо нест. Боз Китоби Муқаддас фаъолияти Худо дар фарҳангҳо ва замонҳое, ки барои мо хеле бегона аст, сабт мекунад. Сабабаш дар он аст, Китоби Муқаддас ҳар як хусусиятҳо ва далелҳои ҳикояҳо ё ҳодисаро сабт карда наметавонад, аз ин рӯ мо дар бораи он чизе ки навишта нашудааст, шубҳа дорем.  Ниҳоят, албатта мо бовар мекунем, ки Худо тавассути муаллифони Китоби Муқаддас сухан гуфтааст, аммо он муаллифон одамон буданд, ва ҳар яки онҳо нуқтаи назари гуногун доштанд. Ва ин фикр бисёр одамҳоро ба ташвиш меорад.

Омӯзиши ҳаёти Исо ҷолиб аст. Дар ҳаёти Ӯ баъзе ҳолатҳое буданд, ки пайравонаш дар бораи Ӯ шубҳа доштан, ва инро кушода мегуфтанд. Исо ба хашм намеомад, балки ба онҳо мегуфт, ки ба далелҳо назар кунанд. Як шахсе, ки шубҳа дошт, Яҳёи Таъмиддиҳанда буд, вай Исоро таъмид дода, ба дигарон гуфта буд: “Инак, Барраи Худо омадааст, ки гуноҳҳои ҷаҳонро ба Худ мегирад.” Баъдтар, Яҳё беадолатона ҳабс карда шуд ва ҳангоми дар зиндон будан шубҳа пайдо кард. Ӯ ба назди Исо шогирдони худро фиристод, то бипурсанд: “Оё Ту Масеҳ ҳастӣ ё мо бояд ягон каси дигарро интизор шавем?” Исо ба онҳо гуфт, ки ба назди Яҳё баргарданд ва он чӣ дида буданд, ба ӯ нақл кунанд: одамон шифо ёфта, аз мурдагон эҳё мешуданд ва хушхабар ба одамон мавъиза карда мешуд. Вай дар асл боз гуфт: “Ба далелҳо нигаред” (Матто 11:2–6). Пас аз рафтани шогирдони Яҳё, Исо имони Яҳёро ҳамду сано хонд! Мо набояд аз шубҳаҳои худ битарсем. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки агар имонамон ба мисли донаи хардал бошад, пас ин кофи аст!

Пас аз эҳёи Исо, боз як ҳодисаи рух дод, ки ба мо нишон медиҳад, ки Исо аз шубҳаҳои мо хафа нест. Тумо гуфта буд, ки то бо дастони худ захмҳои дастҳо ва паҳлӯи Исоро ламс накунад, бовар намекунад ки Ӯ эҳё шуд. Исо зоҳир шуд ва ба Тумо иҷозат дод, ки захмҳо дар дастҳо ва паҳлӯҳояшро ламс кунад. Аммо баъд Исо илова кард: “Хушо онҳое ки надида, имон овардаанд” (Юҳанно 20:29).

Барои баъзе одамон бовар кардан душвор нест. Онҳо имони оддӣ ва чунин ақида доранд: “Агар дар Китоби Муқаддас навишта шуда бошад, пас ҳамин тавр ҳаст. Ман баъзе чизҳоро намефаҳмам, аммо аз чизи мефаҳмидаам, қаноат мекунам.”

Аммо бисёр одамони дигар имони душвортар ва бо бисёр саволҳо доранд. Ба баъзе саволҳо дар ин ҳаёт оддӣ ҳеҷ ҷавобе ёфт намешавад. Аммо ба бисёр саволҳои душвор, Китоби Муқаддас ҷавобҳои дуруст дорад. Ҷустуҷӯи ҷавоб ба баъзе саволҳои душвор аз Китоби Муқаддас як соҳаи омӯзиш аст, ки апологетика номида мешавад. Олимони Китоби Муқаддас ҷустуҷӯи ҷавобҳоро идома медиҳанд.

Яке аз чунин олимон ҳуқуқшиноси атеист (беимон) Ҷош МакДауэлл буд. Вай тасмим гирифт, ки дониши ҳуқуқии худро барои ҷамъоварӣ кардани тамоми далелҳо барои исботи он ки эҳёи Исо дурӯғ буд, ва ҳеҷ гоҳ рух надодааст, истифода барад. Пас аз ҷамъ кардани далелҳои худ, ӯ ба онҳо назар карда қарор кард, ки эҳёи Исои Масеҳ дурӯғ нест, ва дар ҳақиқат шудааст. Далелҳои ӯ дар китобе бо номи “Доказательства, требующие вынесения Вердикта (Далелҳое, ки ҳукмро талаб мекунанд)” нашр шудааст (ман намедонам оё ин китоб дар забони тоҷикӣ ҳаст ё не). Боз як китоби хурдтаре аз Ҷош МакДоуэлл, ки ба саволҳои душвор дар бораи Исо бештар маълумот медиҳад ва хондани он хеле осон аст ин “Не просто Плотник (Натанҳо Дуредгар)” мебошад. Ин китобро ҳоло дар забони русӣ ва англисӣ дастрас кардан мумкин, аммо бо ёрдами Худо ба наздики ба забони тоҷикӣ низ тарҷума мешавад.

Бисёр олимони дигаре ҳастанд, ки дар бораи ин саволҳо навиштаанд. Як саҳифаи интернетии хубе барои дарёфти мақолаҳо ва муҳокимаҳо дар бораи Китоби Муқаддас ба забони русӣ – “Маркази омӯзиши апологетики” мебошад (Центр Апологетических Исследований: ЦАИ) https://apologetika.ru/

Фаҳмидан душвор аст, ки чаро Худо имонро осон намекунад ва ҷалоли пурраи Худро ба ҳама нишон намедиҳад. Бо кадом сабабе, барои Ӯ муҳим аст, ки одамон Ӯро ҷустуҷӯ кунанд. Вай барои онҳое, ки ҷустуҷӯ мекунанд, нишонаҳои зиёде гузоштааст, аз ин рӯ таслим нашавед! Ҳатто агар шумо саволҳои бе ҷавоб дошта бошед ҳам, хондани Китоби Муқаддасро давом диҳед ва Ӯро ҷустуҷӯ кунед. Шумо дар абадият (биҳишт) бо Худо вақти бисёр пайдо мекунед, то ба саволҳои худ ҷавоб гиред.

# Боб ба боб бо ишораҳои Китоби Муқаддас

Акнун, ки шумо ин китобчаро дар бораи Исои Масеҳ хондед, шумо метавонед матни аслиро аз Китоби Муқаддас хонед. Ҳикояҳое, ки аз Китоби Муқаддас гирифта шудаанд, дар поён ҷойҳои онҳо ишора шудааст.

Ишораҳои Китоби Муқаддас одатан аз се қисм иборатанд. Якум – китоб аз даруни Китоби Муқаддаст аст. Агар шумо намедонед, ки ин китобро аз куҷо пайдо кунед, шумо метавонед дар мундариҷа ё ба рӯйхати китобҳо дар телефони худ назар кунед. Дуюм – рақами боб, сеюм – пас аз ду нуқта рақами оят. Агар ду нуқта мавҷуд набошад, тамоми боб ба маълумот пайваст карда мешавад.

**Муқаддима: Пеш аз офариниш**

- Сегона - Матто 28:19; Эфсӯсиён 4:4-6; 1 Қӯринтиён 4:4-6; Румиён 15:30.
- Шайтон аз се як ҳиссаи фариштаҳоро ба шуриш даъват мекунад - Ишаъё 14:12-14; Ваҳй 12:7-9; 2 Петрус 2:4; Яҳудо 1:6.

**Боби 1: Офариниши замин ва Тӯфон**

- Офариниш - Бобҳои 1 ва 2 Ҳастӣ.
- Одаму Ҳавво ба гуноҳ меафтанд - боби 3 Ҳастӣ.
- Нӯҳ ва тӯфон - бобҳои 6 то 8 Ҳастӣ.

**Боби 2: Иброҳим ба Худо имон овард**

- Худо Иброҳимро ба замини нав даъват мекунад - Ҳастӣ 12:1-9.
- Се меҳмон ваъда медиҳанд, ки Иброҳим писардор мешавад - Ҳастӣ 18:1-15.
- Худо ба Иброҳим фармон дод, ки Исҳоқро қурбонӣ кунад - Ҳастӣ 22:1-19.
- Юсуф ба Миср фурӯхта мешавад, ва дар он ҷо ҷаҳонро аз гуруснагӣ наҷот медиҳад - Ҳастӣ бобҳои 37 ва 39 то 47.

**Боби 3: Бо кадом роҳ ба сарзамини ваъдашуда бояд баргашт?**

- Мусо ва хуруҷи ғуломони исроилӣ аз Миср - бобҳои Хуруҷ 1 то 12.
- Мусо Қонунро аз Худо қабул мекунад - Хуруҷ бобҳои 19 ва 20.
- Мори биринҷӣ, ки барои шифо бар сутун бардошта шуда буд - Ададҳо 21:4-9.
- Еҳушаъ ба фармондеҳи лашкари Худо саҷда мекунад - Еҳушаъ 5:13-15.

**Боби 4: Подшоҳе, ки то абад подшоҳӣ мекунад?**

- Худо ба Довуд ваъда медиҳад, ки насли ӯ то абад подшоҳӣ хоҳад кард - 2 Подшоҳон боби 7.
- Раҳабъом қариб подшоҳиро аз даст медиҳад - 3 Подшоҳон 12:1-24.
- Малика Аталё кӯшиш мекунад, ки насли шоҳонаро нест кунад - 4 Подшоҳон боби 11.

**Боби 5: Наҷотдиҳанда меояд?**

- Пешгӯӣ дар бораи Масеҳ ҳамчун ғуломи ранҷу азоб кашида - Ишаъё 53.
- Пешгӯӣ дар бораи Масеҳ, ки аз бокира таваллуд хоҳад шуд - Ишаъё 7:14.
- Пешгӯӣ дар бораи дар Байт-Лаҳм таваллуд шудани Масеҳ - Мико 5:2.
- Пешгӯӣ дар бораи Яҳёи Таъмиддиҳанда (Касе меояд, ки барои Масеҳ роҳ тайёр кунад) - Ишаъё 40:3-4; Малокӣ 3:1.

**Боби 6: Исроил дар бадарға**

- Се ядуҳӣ дар кӯраи оташин - Дониёл боби 3.
- Малика Эстер барои наҷоти миллати яҳудӣ илтиҷо мекунад - Тамоми китоби Эстер.

**Боби 7: Худо - Писар ба ҷаҳони мо меояд**

- Таваллуди Исо - Луқо 1:26-38; 2:1-20; Матто 1:18-25.
- Исо дар синни 12-солагӣ дар ибодатхона - Луқо 2:41-52.

**Боби 8: Таъмиди Исо ва васвасаи Шайтон**

- Таъмиди Исо аз ҷониби Яҳё - Матто боби 3; Юҳанно 1:19-34.
- Шайтон Исоро васваса мекунад - Матто 4:1-11

**Боби 9: Раббунӣ шогирдони Худро интихоб мекунад**

- Исо шогирдонро даъват мекунад, ки Ӯро пайравӣ кунанд - Матто 4:18-22.
- Исо Маттои андозгирро даъват мекунад - Матто 9:9-13.
- Исо 12 шогирдро интихоб мекунад - Луқо 6:12-16.
- Исо 70 шогирдро мефиристад - Луқо 10:1-23.
- Шогирдони дигар - Марями Маҷдалия, заноне, ки ба Исо кӯмак мекарданд - Луқо 8:1-3.

**Боби 10: Вау! Ӯ мӯъҷизаҳо мекунад!**

- Об ба шароб мубаддал шуд - Юҳанно 2:1-11.
- Даҳ шахси махавӣ шифо ёфтанд - Луқо 17:11-19.
- Шифо кардани марди маъюб, ки аз боми хона фароварда шуд - Марқӯс 2:1-12.
- Зане, ки либоси Исоро ламс кард, шифо ёфт - Марқӯс 5:25-34.
- Шифо шудани хизматгори мирасади румӣ - Луқо 7:1-10.
- Пешгӯӣ дар бораи он ки Масеҳ мӯъҷизаҳо мекунад - Ишаъё 35:5 ва Матто 11:5.
- Исо легиони девҳоро берун мекунад - Луқо 8:26-37.
- Исо писари бевазанро эҳё мекунад - Луқо 7:11-17.
- Исо духтари Ёирро эҳё мекунад - Луқо 8:40-56.
- Исо Лаъзорро эҳё мекунад - Юҳанно 11:1-44.
- Ғизодиҳии 5000 - Матто 14:13-21.
- Ғизодиҳии 4000 - Матто 15:32-39.
- Исо дар болои об қадам мезанад - Матто 14:22-36.
- Исо тӯфонро ором мекунад - Марқӯс 4:35-41.
- Аввалин сайди мӯъҷизавии моҳӣ - Луқо 5:1-11.

**Боби 11: “Ҳар кӣ Маро мешунавад, бигзор гӯш кунад!”**

- Исо аз шогирдонаш мепурсад, ки онҳо Ӯро кӣ мешуморанд - Матто 16:13-20.
- Масал дар бораи марворид - Матто 13:45-46.
- Масал дар бораи хизматгорон ва бозгашти оғо - Луқо 12:36-48; Марқӯс 13:33-37.
- Масал дар бораи писари гумроҳ - Луқо 15:11-32.
- Исо дар бораи марги Худ нақл карда, Петрусро сарзаниш мекунад - Матто 16:21-23.
- Исо марги Худро ба вайрон кардани ибодатхона ва аз нав сохтани он муқоиса мекунад - Юҳанно 2:18-22.

**Боби 12: Чаро Исоро ҳама қабул накарданд?**

- Шайтон Яҳудоро даъват мекунад, то ба Исо хиёнат кунад - Луқо 22:1-6.
- Роҳбарон бахили мекунанд - Матто 27:18.
- Фарисиён Қонунро барои худ осон ва вайрон мекунанд - Матто 15:3-9.
- Вақте ки Исо зани хамидаро (Луқо 13:10-17) ва марди маъюбро шифо медиҳад (Юҳанно 5:1-15), Ӯ қоидаҳои рӯзи шанберо вайрон мекунад.
- Исо бо “гуноҳкорон” хӯрок мехӯрад - Марқӯс 2: 13-17.
- Суханони Исо ҳамчун куфр шуморида мешаванд: *“Фикр накунед, ки Ман барои вайрон кардани шариати Мӯсо ва таълимоти пайғамбарон омадаам. Ман на барои вайрон кардан, балки барои ба амал овардани онҳо омадаам”* - Матто 5:17. *“Ман ва Падар як ҳастем”* - Юҳанно 10:30. *“Ҳар кӣ Маро дида бошад, Падарро дидааст”* - Юҳанно 14: 9-12. *“Гуноҳҳои шумо бахшида шудаанд”* - Марқӯс 2:1-12.
- Кӯшиши куштани Исо дар Носира - Луқо 4:14-30.
- Исо озодона ҳаракат карда наметавонад - Юҳанно 11:53-54.
- Роҳбарон мехоҳанд Исо ва Лаъзорро пас аз эҳё шудани Лаъзор бикушанд - Юҳанно 11:45-57.

**Боби 13: Ҳафтаи охирини ҳаёти Масеҳ**

- Исо ба Ерусалим савори хар ворид мешавад - Юҳанно 12:12-19.
- Исо фурушандаҳоро аз ибодатхона берун мекунад - Матто 21:12-13.
- Исо пойҳои шогирдонро мешуяд - Юҳанно 13:1-17.
- Хӯроки Фисҳ / Таоми охирини Исо - Марқӯс 14:12-26.
- Исо дуо мекунад ва дар боғи Ҷатсамонӣ боздошт мешавад - Марқӯс 14:32-50.
- Исо мегӯяд, ки вай Писари Худост - Матто 26:57-67.

**Боби 14: Вазифа ичро шуд - Салиб ва марги Исо**

- Сарбозони румӣ Исоро мезананд ва масхара мекунанд - Марқӯс 15:16-20.
- Исои маслубшуда - Марқӯс 15:21-32.
- Исо ҳамчун Барраи пок барои гунаҳкорон қурбони шуд - 1 Петрус 1:18-19; Юҳанно 1:29; Ваҳй 5:9.
- Исо ва ду ҷинояткор - Луқо 23:39-43.
- Марги Исо - Матто 27:45-56; Юҳанно 19:28-37.
- Дафни Исо - Матто 27:57-66; Юҳанно 19: 38-42.

**Боби 15: Масеҳ эҳё шуд!**

- Эҳёи Масеҳ - Матто 28:1-15; Луқо 24:1-12; Юҳанно 20:1-18.
- Масеҳ ба шогирдонаш ва Тумо зоҳир мешавад - Юҳанно 20:19-31.
- Масеҳ ба шогирдоне, ки дар роҳ сӯи Аммоус будаанд, зоҳир мешавад - Луқо 24:13-35.
- Масеҳ ба шогирдонаш, ки моҳидорӣ мекунанд, зоҳир мешавад - Юҳанно 21:1-14.
- Масеҳ ба 500 нафар зоҳир мешавад - 1 Қӯринтиён 15:3-8.
- Масеҳ шогирдони Худро мефиристад, то дар бораи Ӯ ба дигарон нақл кунанд - Матто 28:16-20; Аъмол 1:8.
- Масеҳ ба осмон равон мешавад - Аъмол 1:1-11.

**Боби 16: Калисо - Ҷисми Исо дар рӯи замин**

- Пантикост ва омадани Рӯҳулқудс - Аъмол 2:1-13.
- Петрус ва Юҳанно марди аз таваллуд маъюбро шифо медиҳанд - Аъмол 3:1-10.
- Петрус ва Юҳанно дар назди роҳбарони яҳудӣ - Аъмол 4:1-22.
- Петрусро фаришта аз зиндон озод мекунад - Аъмол 12:1-19.
- Ҳанониё ва Сафира кӯшиш мекунанд, ки калисоро фиреб кунанд - Аъмол 5:1-11.

**Боби 17: Калисои Исои Масеҳ барои ҳама**

- Филиппус ба сомариён дар бораи Масеҳ нақл мекунад - Аъмол 8:4-25.
- Мирисади румӣ Корнилюс ба Рӯҳ бовар карда, Онро қабул мекунад - Аъмол боби 10.
- Исо дар роҳи Димишқ ба Шоул зоҳир мешавад - Аъмол 9:1-31.
- Павлус ва Барнаббо аз ҷониби Рӯҳулқудс ба сафар фиристода шуданд - Аъмол 13:1-3.
- Одам бо корҳои худ наҷот намеёбад - Эфсӯсиён 2:8-9; Титус 3:5.
- Масеҳ на барои бекор кардани Қонун, балки барои иҷрои он омадааст (Матто 5:17).
- Имондороне, ки аз талаботи яҳудӣ озод шудаанд - Румиён 6:14; Ғалотиён бобҳои 2 ва 3. Шӯрои Ерусалим - Аъмол 15:1-31

**Боби 18: Исо ҳоло чӣ кор мекунад?**

- Исо дар тарафи рости Худо Падар аст - Аъмол 7:55-56; Ибриён 1:3; Қӯлассиён 3:1.
- Исо барои пайравонаш ҷой тайёр мекунад - Юҳанно 14:1-3.
- Исо барои пайравонаш дуо мекунад - Румиён 8:34; Ибриён 7:25.
- Исо Сарвари калисо аст - Эфсӯсиён 4:15-16 ва 5:23; Қӯлассиён 1:18, 24.
- Калисо арӯси Исо аст - Эфсӯсиён 5:25-27; Ваҳй 19:7–9.

**Боби 19: Исо бармегардад - Оё шумо омодаед?**

- Бозгашти Исо (омадани дуюмаш) - Юҳанно 14:3; Аъмол 1:9-11.
- Эҳёи ҳамаи одамон – Юҳанно 5:28-29; Аъмол 24:15.
- Довари ва ҷазо барои гуноҳҳо - Матто 25:31-46; 2 Таслӯникиён 1:3-10.
- Осмон ва замини нав - Ваҳй 21:1-5.

**Хотима: Исо ва мо**

- Тавба ва бовар кунед - Аъмол 17:30 ва 20:20-21.
- Таъмид гиред - Ғалотиён 3:26-29; Қӯлассиён 2:12.
- Муҳимияти Китоби Муқаддас - 2 Тимотиюс 3:16-17.
- Дуо: гуфтугӯ бо Худо - Филиппиён 4:6-7.
- Вақт бо дигар имондорон - Ибриён 10:24-25.
- Ба дигарон дар бораи Исо нақл кунед - 1 Петрус 2:9.

# Насабномаи Исои Масеҳ



Насабномаи Исо мувофиқи Матто 1:1-17
(Номҳои бо ҳарфи сиёҳ навишта шуда, дар ин китоб зикр шудаанд)



| | |
|---|---|
| **Иброҳим**<br>**Исҳоқ**<br>**Яъқуб**<br>Яҳудо ва Томор<br>Форас<br>Ҳесрӯн<br>Ром<br>Аминодоб<br>Наҳшӯн<br>Салмӯн ва Роҳоб<br>Бӯаз ва Рут<br>Убид<br>Йисой<br>**Довуд** ва Батшобаъ<br>Сулаймон<br>**Раҳабъом**<br>Абиё<br>Осо<br>Еҳӯшофот<br>Еҳӯрам<br>Узиё | Ютом<br>Оҳоз<br>Ҳизқиё<br>Менашше<br>Омӯн<br>**Йӯшиё**<br>Еконё<br>Шаалтиил<br>Зарубобил<br>Абиҳуд<br>Элёқим<br>Озур<br>Содӯқ<br>Ёкин<br>Эдиҳуд<br>Элъозор<br>Маттон<br>Ёқуб<br>**Юсуф ва Марям**<br>**Исо** |

# Харитаи Исроил дар вақтҳои Исо

